Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

**№24 (1379)**

Панҷшанбе,
15 июни соли 2023

# Боҷу Хироҷ

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# «ЧАТ-ПАЁМАК» - УСУЛИ МУОСИРИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ




Кумитаи андоз дар доираи барномаҳо ва қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз тақвият бахшида, дар доираи он ҷиҳати дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!



Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шахсони ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки дар давоми як сол аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, сармояи оинномавии худро пурра намуда, дар ин хусус ҳуҷҷати тасдиққунандаро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намоянд.

Дар мавриди дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ташаккул надодани ҳаҷми сармояи оинномавӣ, тибқи талаботи моддаи 603 иловаи 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони ҳуқуқӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Ҳамзамон, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад барои барҳам додани чунин шахси ҳуқуқӣ ба суд муроҷиат кунад.

Бинобар ин, Кумитаи андоз бори дигар огоҳ менамояд, ки талаботи қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»-ро риоя намуда, оид ба ташаккул додани ҳаҷми сармояи оинномавии худ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### ДАР ИН ШУМОРА:



**ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАТАР ВА ДУРНАМОИ РУШДУ ТАВСЕАИ ОНҲО**

Сафари давлатии Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саҳ.2

**ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ: ЗАМИНА БАРОИ РУШДИ КОНСЕПСИЯИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ**

Дар асоси Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 тайи солҳои охир Кумитаи андоз бо як қатор вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ табодули маълумотро дар шакли электронӣ ба роҳ мондааст

Саҳ.5

**ҲУНАРМАНДОНИ НОМДОР, ВАЛЕ БЕҚАЙДУ ҚАРЗДОР**

Ҳукумати мамлакат баҳри рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии соҳибкорон пайваста тадбирҳои судманд меандешад, аммо баъзе ҳунармандон аз ин имтиёзҳо суистифода мекунанд

Саҳ.6-7

**ТАҚВИМИ АНДОЗ – РОҲНАМОИ ВАҚТ ВА МУҲЛАТИ АНДОЗСУПОРӢ**

Донистани вақт ва мӯҳлати андозсупорӣ барои андозсупоранда бисёр муҳим ва зарур мебошад

Саҳ.9

**АНДОЗ АЗ ДАРОМАД**

Манбаи андоз кадом аст ва меъёрҳои ин намуди андоз чӣ гунаанд?

Саҳ.12

**ДАСТГОҲИ НАЗОРАТӢ-ХАЗИНАВӢ – ВОСИТАИ АЗ БАЙН БУРДАНИ МУШКИЛОТИ АНДОЗСУПОРАНДА**

Истифодаи дастгоҳи назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, танзиму назорати дохилӣ, беҳтар кардани ҳамкорӣ бо мақомоти андоз ва аз байн бурдани нофаҳмиву нобовариҳо мусоидат мекунад

Саҳ.13

# ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАТАР ВА ДУРНАМОИ РУШДУ ТАВСЕАИ ОНҲО



### Сафари давлатии Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

8 июн Амири Давлати Қатар мухтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Қасри миллат баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Амири Давлати Қатар мухтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сониро гарму самимӣ истиқбол карда, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват карданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду кишвар, гузаштани Сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ду давлат анҷом ёфт.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти расмии маросими истиқболи сафарҳои давлатӣ ба ифтихори ташрифи Амири Давлати Қатар аз тупхонаҳо 21 маротиба шиллик паронда шуд.

### Мулоқоту музокироти сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар

Баррасии масоили ҳамкории Тоҷикистону Қатар дар мулоқоти хосаи Сарони давлатҳо оғоз гардида, дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии ду кишвар идома ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар мухтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ва ҳайати ҳамроҳашро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Зимни мулоқоту музокирот, ки дар фазои дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва эътимод баргузор гардид, ҷонибҳо маҷмуи масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва дурнамои рушду тавсеаи онҳо, таҳкими бештари заминаи ҳуқуқии робитаҳои ду давлат дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву башариро мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар ҷараёни баррасии роҳҳои тақвияти минбаъдаи муколамаи созандаи сиёсии байнидавлатӣ зарурати густариши ҳамкории байнипарлумонӣ ҳамчун заминаи мусоид барои пешбурди ин раванд арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо аз сатҳу раванди муносибатҳои ду давлат ва аз ҷараёни рушди устувори онҳо изҳори қаноатмандӣ карданд.

Афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол, тавсеаи сохтори тиҷорати мутақобила ва ҷалби бештари сармоягузорони Қатар ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон амри зарурӣ шумурда шуд.

Тоҷикистон, дар баробари таъйиди таҷрибаи неки муштарак, алоқамандии худро ба тавсеаи ҳамкорияш бо Қатар дар соҳаи сармоягузорӣ иброз дошт.

Қобили тазаккур аст, ки дар ин самти шарикӣ ду давлат ҳанӯз имкониятҳои васеъ доранд ва истифодаи ҳарчи фаъоли онҳо ҷавобгӯи манфиатҳои тарафҳо мебошад. Татбиқи марҳалаи аввали лоиҳаи маҷмааи "Диёри Душанбе" аз ҷониби ширкати "Диёр"-и Қатар намунаи ҳамкории самараноки ду кишвар дар ин ҷода арзёбӣ гардид.

Истифода аз имкониятҳои фаровон дар соҳаҳои энергетика, бахшҳои мухталифи саноат, бахусус саноати сабук, хӯроквории, коркарди маъдан, металлургияи сиёҳу ранга, кишоварзӣ ва сайёҳӣ барои ҳар ду давлат судманд номида шуд.

Мавҷудияти имкониятҳои васеи ҳамкории судманду дарозмуддати байни ду давлат ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ, бахусус оби нӯшокӣ ва меваҷоту сабзавоти хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза низ мавриди музокира қарор гирифт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ба масъалаи баргузории форумҳои соҳибкорӣ ва намоишгоҳи молу маҳсулоти ду давлат дар қаламравҳои ҳамдигар ва ба фаъолияти самарабахши Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд.

Дар рафти мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ҷонибҳо оид ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоӣ байни ду кишвар, имконияти густариши робитаҳои фарҳангиву башарӣ, бахусус, дар арсаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ ибрози назар намуданд.

Ба ҷониби Қатар барои кумаки беғаразона дар бунёди "Масҷиди ҷомеи марказии Душанбе" сипоси самимии мардуми Тоҷикистон расонда шуд.

Дар рафти музокирот мавзуъҳои умдаи минтақавию байналмилалӣ ва масъалаҳои рушду таҳкими минбаъдаи шарикии ҷонибҳо дар доираи сохторҳои бисёрҷониба — дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ба Давлати Қатар барои дастгирии доимии иқдомоти глобалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, аз ҷумла ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" изҳори миннатдорӣ карда шуд.

Дар охир Амири Давлати Қатар мухтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон, ки бори аввал дар даври ниҳоии Ҷоми футболи Осиё иштирок менамояд, муваффақият орзу намуданд. Мавриди тазаккур аст, ки Ҷоми футболи Осиё моҳҳои январ-феврали соли 2024 дар пойтахти Давлати Қатар баргузор мегардад.

### Маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури Сарони давлатҳо мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мухтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои музокирот 15 санади нав ба имзо расид:

— Созишнома байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрдории Давҳаи Давлати Қатар дар бораи истиқрори муносибатҳои бародаршаҳрӣ;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба мутақобилан бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ;

— Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ;

— Ёддошти тафоҳум дар соҳаи савдо байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорат ва саноати Давлати Қатар;

— Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти стандартизатсияи ва метрологияи Давлати Қатар;

— Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ;

— Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи олами ҳайвоноти ваҳшӣ ва муҳити зисти табиии он;

— Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмон ва инфрасохтор байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар;

— Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва чорабиниҳои тиҷоратӣ;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

— Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҷавонон;

— Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкории ҳарбӣ;

— Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати авқоф ва корҳои исломии Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи авқоф ва корҳои исломӣ;

— Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнати Давлати Қатар;

— Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Давлати Қатар барои солҳои 2023-2025

## Маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон



8 июн Амири Давлати Қатар бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадр, Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сониро гарму самимӣ истиқбол карданд.

Дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ , инчунин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ин иншооти муҳими маънавиро ифтитоҳ намуданд.

Пас аз маросими расмии ифтитоҳи масҷид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо шоҳкории меъмории миллии тоҷикона ва шароит барои намозгузорон дар он шинос шуданд.

Баъди шиносоӣ Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ба сифати корҳои анҷомдодашуда, ки бо риояи суннатҳо ва нозукиҳои меъмории миллӣ иҷро гардида, таҳассумгари омезиши моҳиронаи арзишҳои миллӣ ва суннатҳои динӣ мебошад, баҳои баланд доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ барои саҳмгузорӣ дар бунёди ин шоҳкорӣ изҳори сипос намуда, татбиқи лоиҳаро намунаи олии ҳамкории ду давлат арзёбӣ карданд.

Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ба номи "Имоми Аъзам — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит" гузошта шавад.

Ёдовар мешавем, ки 5 октябри соли 2009 зимни бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ва дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии ӯ бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва олимону сиёсатмадорони воломақоми давлатҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Бояд гуфт, ки баъди гузоштани санги асоси бунёди иншоот мутахассисони варзидаи соҳа аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар пас аз омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба лоиҳаи Масҷиди ҷомеи марказии Душанберо таҳия намуданд. 5 октябри соли 2011 корҳои сохтмони иншоот оғоз гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷойи бунёди масҷиди ҷомеъ ташриф оварда, дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита иштирок намуданд.

Масҷид дар ҳудуди 12 гектар, ки бинои масҷид дар 3 гектари он ҷойгир шудааст ва дорои 3 даромадгоҳи калон мебошад, бунёд гардидааст.

Масҷид имконияти ғунҷоиши 133 ҳазор намозгузорро дар як вақт дорад, ки аз ин шумора 43 ҳазор намозгузор дар дохили масҷид ва боқимонда дар гирду атрофи он ҷой мегирад.

Масоҳати ошёнаи якуми бино, дар маҷмуъ, 18 444 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дохили толорҳо бо 14 000 метри мураббаъ қолини истеҳсоли ватанӣ қолинпӯш гардида, дар қисмати ҷанубу ғарби толори намозгузории калон меҳроб ҷойгир шудааст.

Масҷид аз 4 манора бо баландии 74 метр, ду манораи хурди ороишӣ бо баландии 21 метр, гумбази зебову мунаққаши калон бо баландии 43 метр ва 17 гумбази хурд бо баландии 35 метр иборат мебошад.

Дар дохили масҷид 6 синфхонаи барҳаво, толори қабули меҳмонон ва гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо, 2 китобхона, 9 ҳуҷраи қорӣ, 3 меҳмонхона ва ҳуҷраҳои техникӣ ҷойгир шудааст.

Намои берунаи бинои иншоот 62 393 метри мураббаъро ташкил дода, масоҳати 33 963 метри мураббаъ бо мармари сафед оро ёфтааст.

Дар гирду атрофи иншоот дар масофаи 92 000 метри мураббаъ корҳои кабудизоркунӣ гузаронида шуда, дар ду тарафи даромадгоҳ, ҳамчунин, таваққуфгоҳ барои 500 воситаи нақлиёт бунёд гардидааст.

Барои ороиши масҷид 6630 метри мукааб кошин ва 2800 метри мукааб мармари сиёҳ истифода шудааст. Саҳни ҳавлии дохили бино аз 4800 метри мураббаъ ва як фаввора иборат буда, дар он ҷо дар як вақт 8000 намозгузор ҷой гирифта метавонад. Дар маҷмуъ, масҷид дорои 178 дар мебошад, ки 40 адади он аз чӯби чормағз омода гардидааст.

Қобили таъкид аст, ки бо маслиҳатҳои мушаххас ва завқи баланди зебоипарастии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лоиҳаи сохтмони ин иншоот бузург тарҳу усулҳои меъмории бостонии тоҷикӣ, нақшу нигори деворҳо, гумбазҳо, сутунҳову даромадгоҳҳо ва тамоми дигар корҳои ороиши дохилу атрофи масҷид ба эътибор гирифта шудааст.

Ин на танҳо як масҷид, балки пойгоҳи замонавии фарҳангу таърихи исломӣ буда, толорҳои он тавре бунёд шудаанд, ки дар онҳо чорабиниҳои мухталифи илмиву фарҳангӣ ва ҳамоишҳои сатҳу зинаҳои гуногун гузаронда мешаванд.

Дар ин иншоот, корҳои сохтмону васлгарӣ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ — пудратчии асосӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи "СТС-Иншоот" ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Сомон таҷҳизот" анҷом ёфта, дар давраи бунёди он беш аз 1 000 бинокори маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Бояд гуфт, ки бо пешниҳод ва иштироки Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон 30 майи соли 2018 дар паҳлуи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон оғоз гардид.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон барои 1 500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардидааст. Бунёди Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи исломӣ гувоҳи равшани сиёсати Пешвои миллат ва давлати Тоҷикистон доир ба дин, озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин мебошад.

Ҳамчунин, таъкид бояд кард, ки пуштибонии пайваста аз номи поки дини мубини ислом дар арсаи минтақа ва ҷаҳон, ба забони тоҷикӣ нашр кардану дастраси мардум гардонидани Қуръони карим ва дар сатҳи милливу байналмилалӣ таҷлил намудани 1310-солагии асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит – Имоми Аъзам аз ҷумлаи хизматҳои шоёни Роҳбари муҳтарами давлати мо мебошанд, ки ӯро ба шаъну эътибори баланд дар ҷаҳони ислом расонидаанд.

Ҳамин аст, ки номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба феҳристи 500 мусулмони соҳибнуфузи олам шомил гардидааст.

Қобили тазаккури хос аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо инояту меҳрубонии Парвардигори олам чор дафъа зиёрати хонаи Каъбаву равзаи Пайғамбари исломро (с.а.в) ба анҷом расонида, ду бор ба дохили Каъбатуллоҳ ворид шудаанд.

## Сарони давлатҳои Тоҷикистону Қатар аз қароргоҳи беруназшаҳрии Такоб дар ноҳияи Варзоб боздид намуданд

8 июн дар идомаи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ аз мавзеъҳои зебову дилфиреби қароргоҳи беруназшаҳрии "Такоб" сурат гирифт.

Ҳадаф аз баргузор кардани сайругашт дар мавзеъи хушбоду ҳавои Такоб муаррифии меҳмоннавозии тоҷикона ва шиносоӣ бо табиати сарзамини ганҷхези Тоҷикистон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар як гӯшаи сарзамини бостонӣ ва мавзеъҳои дилфиреби сайёҳии кишварро муаррифӣ карданд.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ дар мавзеъҳои зебои ноҳияи Варзоб гаштугузор ва суҳбати озоди дӯстона намуда, аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони офтобӣ ҳаловат бурданд.

Бояд гуфт, ки бо шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муаррифии кишвари зебову ҳамешабаҳор аз минбарҳои олии ташкилоту созмонҳои бонуфуз, ҷомеаи ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон ва табиати зебо, меҳмоннавозии анъанавии тоҷикона ва неъматҳои моддии сарзамини аҷдодии мо аз наздик шинос ҳастанд.

Табиати биҳиштосои Тоҷикистон бо дарёву чашмаҳои обаш мусаффо, кӯҳҳои сарбафалаккашида ва манзараҳои нотакрораш диққати сайёҳони хориҷро ба худ ҷалб менамояд.

Сайругашти меҳмони олимақом дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт.

Меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ баъди тамошои табиати нотакрори қароргоҳи беруназшаҳрии Такоб аз манзараҳои дилкашу обҳои мусаффо ва ҳавои тоза таассуроти нек бардоштанд.

# РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ МУҲИМТАРИН МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛИИ САЙЁРА

## Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигорони Агентии миллии иттилоотии Қатар

**8 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба саволҳои хабарнигорони Агентии миллии иттилоотии Қатар ҷавоб доданд.**

**— Солҳои охир муносибатҳо байни Давлати Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас рушд мекунанд ва дар оғоз, сафари Амири Давлати Қатарро ба кишваратон чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба рушди муносибатҳо бо кишварҳои арабӣ, аз ҷумла бо Давлати Қатар аҳамияти хосса зоҳир менамояд. Мо ба сатҳу раванди рушду тавсеаи робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо Давлати Қатар ва дурнамои онҳо, ки ба арзишҳои муштараки тамаддунӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн асос ёфтаанд, баҳои баланд медиҳем.

Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки сафари давлатии Волоҳазрат Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Тоҷикистон ба тақвияти боз ҳам бештари маҷмуи муносибатҳои ҳамкории ду кишвар, аз ҷумла иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангиву башарӣ мусоидати муассир намуда, онҳоро бо мазмуну муҳтавои нави амалӣ ғанӣ хоҳанд гардонид.

Нахуст таъкид менамоям, ки ҳангоми сафари Волоҳазрат мо ният дорем дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе Масҷиди ҷомеи замонавиро, ки бо дастгириву кумаки кишвари дӯст бунёд ёфтааст, расман ифтитоҳ намоем.

Мо сафари кунунии ҳайати воломақоми Давлати Қатарро ҳамчун идомаи мантиқии муколамаи доимии байнидавлатӣ арзёбӣ менамоем.

Музокироти сатҳи олии соли 2007 дар Душанбе, соли 2017 дар Давҳа зимни сафари давлатии инҷониб ба Давлати Қатар ва соли 2019 дар Душанбе дар чорчӯби боздиди бародари гиромӣ Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ аз Тоҷикистон баёнгари сатҳи олии робитаҳои сиёсии ду давлат мебошад, ки дар пешбурдуривоҷи ҳамкории ҳамаҷонибаи ду кишвар нақши калидӣ доштанд.

Маҷмуи санадҳои нави дуҷонибае, ки дар ҳошияи сафари Амири Давлати Қатар ба имзо мерасанд, бешубҳа, асоси ҳуқуқии ҳамкории моро тақвият медиҳанд.

**— Ин сафар барои рушди муносибатҳо ва ҳамкории ду давлат дар соҳаҳои гуногун чӣ аҳаммият дорад?**

Мо алоқаманди рушду густариши минбаъдаи робитаҳои байни ду давлат дар ҳама самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем.

Бар ин боварем, ки натиҷаҳои музокироти мо омили муҳими пешбурди ҳамкории ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву башарӣ хоҳанд гардид.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки дар самтҳои шарикии зикргардида, инчунин дар соҳаҳои энергетика, бонкдорӣ, саноат, кишоварзӣ ва сайёҳӣ ҳарду давлат имконияти васеи ҳанӯз истифоданашуда доранд ва татбиқи фаъоли онҳо ҷавобгӯи манфиатҳои мардумони мо мебошад.

Ин соҳаҳоро мо аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо ҷониби Қатар медонем ва аз ҳузури фаъоли сармоягузорон ва доираҳои соҳибкории кишвари дӯст, аз ҷумла дар таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, истиқбол менамоем.

**— Ҳолати кунунии ҳамкории дуҷонибаи байни ду давлатро чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

Муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории ду давлат дар сатҳи баланд қарор дошта, рӯз аз рӯз тақвият меёбанд.

Тамосҳои мунтазами ҳайатҳои баландпояи расмӣ, роҳбарону аъзои парлумонҳо ва сохторҳои соҳавӣ, бешубҳа, дар пешбурди самарабахши ин раванд нақши муҳим доранд.

Ҷонибҳоро зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи босамари санадҳои қаблан имзошуда, инчунин тақвият додани фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ саъю талош намоянд.

**— Ба ояндаи муносибатҳои ду давлат чӣ назар доред?**

Мо ба ояндаи неки робитаҳои дӯстона ва ҳамкории судманд бо Давлати Қатар итминони комил дорем ва дурнамои онҳоро умедбахш арзёбӣ менамоем.

Дар Тоҷикистон соҳаҳои энергетика, бахшҳои мухталифи саноат, аз ҷумла саноати сабуку нассоҷӣ, хӯроквРӣ, маъдан, коркарди меваю сабзавот, металл ва сангҳои қиматбаҳо ва умуман истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ашёи хом, дорусозӣ, нақлиёт, бахши молия, рақамисозӣ, инчунин кишоварзӣ ва сайёҳӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд.

Васеъ ба роҳ мондани ҳамкории судманду ояндадор дар бахшҳои зикргардида ба афзоиши ҳаҷми тиҷорати мутақобила ва ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкории мо заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Боварӣ дорам, ки ин соҳаҳо барои сармоягузорони қатарӣ ҷолибанд. Дар ин самт Тоҷикистон омода аст, ки тарҳҳои сармоягузориро ба доираҳои алоқаманди кишвари дӯст пешниҳод намояд.

Давлати Қатар яке аз аввалин кишварҳои арабӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон сармоягузории мустақим кардааст. Ширкати қатарии “Диёр” дар пойтахти давлати мо лоиҳаи сармоягузории “Диёри Душанбе”-ро татбиқ менамояд. То имрӯз марҳалаи якуми лоиҳаи мазкур ба анҷом расидааст. Ширкати зикршуда ният дорад, ки дар ояндаи наздик марҳалаи дуюми лоиҳаро анҷом диҳад. Мо алоқаманди оғози ҳарчӣ зудтари татбиқи марҳалаҳои минбаъдаи ин лоиҳа ҳастем.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ муҳайё гаштааст. Дар қонунгузории амалкунанда барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 240 номгӯйи имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардидааст. Қонунгузории мо баробарҳуқуқии сармоягузорони ватанию хориҷиро кафолат медиҳад ва инро мо ҳамчун омили мусоидатгар ба афзоиши ҳаҷми тиҷорат ва сармоягузорӣ миёни давлатҳоямон мешуморем.

Таҳлили ҳолати робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба нишон медиҳад, ки ду кишвар алоқаманди робитаҳои ҳасана дар ҳамаи соҳаҳои мавриди манфиатҳои муштарак мебошанд.

**— Ба назари шумо кадом соҳаҳо барои ҳамкории нави ду давлат калидӣ ҳастанд?**

Албатта, ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ дар маҷмуи муносиботи кишварҳоямон аз самтҳои авлавиятнок ба шумор меравад. Дар зимн афзоиши ҳаҷм ва тавсеаи сохтори тиҷорат миёни ҷонибҳо ва густариши ҳамкорӣ дар бахши сармоягузорӣ амри зарурӣ мебошад.

Дар ин радиф соҳаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ, бахусус оби нӯшокӣ ва меваҷоту сабзавоти хушсифати аз лиҳози экологӣ тозаро низ номбар кардан бамаврид аст.

Мо, бо назардошти имконияти зиёди ду давлат, рушди ҳамкориро дар соҳаи сайёҳӣ барои ҳарду ҷониб муфид медонем.

Ҳамаи ин соҳаҳо аз ҷумлаи самтҳои муҳиме мебошанд, ки мавриди таваҷҷуҳи доимии мо қарор доранд.

Ба манзури густариши бештари ин робитаҳо таъсиси Шӯрои доимоамалкунандаи соҳибкорони ду давлат ва ба таври мунтазам доир намудани форумҳои иқтисодӣ, намоишгоҳҳои маҳсулоти кишоварзию саноатӣ ва дигар чорабиниҳои муштарак нақши муассир хоҳад бозид.

Ҳамчунин, боиси таъкид аст, ки барои густариши ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки соҳибкорони ду давлат дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти мусоид фароҳам мебошад.

Бинобар ин, ман аз сармоягузорони кишвари бародар даъват менамоям, ки аз ин имконият васеъ истифода намоянд.

Дар шароити имрӯза барои рушди соҳаи сайёҳӣ давлатҳои моро зарур аст, ки оид ба зарфият ва имконияти якдигар бештар огоҳӣ пайдо кунанд ва рафту омади шаҳрвандонро сода намоянд. Мо ба ин назар ҳастем, ки татбиқи бомуваффақи тарҳҳои якҷоя, ташвиқи сармоягузориҳо ва таҳкими муносибатҳо дар дигар арсаҳои мавриди эҳтимоми муштарак роҳро барои густариши ҳамкорӣ дар бахши сайёҳӣ васеъ хоҳад намуд.

Тоҷикистон шароити муносибро барои сайёҳон фароҳам овардааст, аз ҷумла шаҳрвандони Давлати Қатар имкон доранд бидуни раводид ба Тоҷикистон ворид шаванд.

Мо ҳамкорӣ дар бахшҳои илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро рукни муҳими робитаҳои башарии ҷонибҳо медонем.

Бинобар ин, барои таҳкиму густариши минбаъдаи ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба ҳар ду кишвар ҳанӯз имконияти фаровони истифоданашуда доранд.

**— Ҳамкории сиёсӣ байни ду давлат ва назари умумӣ ба мушкилот ва буҳронҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ?**

Тоҷикистон ва Қатар ҳамкории судмандро дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда, аз ташаббусҳои ҳамдигар дар арсаи байналмилалӣ ҷонибдорӣ менамоянд.

Зимнан ба Давлати Қатар барои дастгирии доимӣ аз иқдомҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаҳои обу иқлим ва амнияти минтақавӣ арзи сипос менамоем.

Ҷонибдории кишвари дӯстро, ҳамчунин, аз ташаббуси панҷуми глобалии мо дар хусуси эълон кардани соли 2025, Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо қадрдонӣ менамоем.

Дар мавриди ҳалли буҳронҳо Тоҷикистон гуфтушунидҳоро ягона роҳи ҳалли мусолиматомез медонад.

Дар ин замина мо талошҳои созандаву дипломатии кишвари бародарро дар ҷодаи таъмини сулҳу амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қадрдонӣ менамоем.

**— Муҳимтарин масъалаҳое, ки дар рафти мулоқот бо Амири Давлати Қатар баррасӣ хоҳед намуд?**

Масъалаҳои муҳиме, ки дар сатҳи олӣ баррасӣ мешаванд, пеш аз ҳама, тақвияти ҳамкории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Албатта, бо назардошти вазъи кунунии ҷаҳон масъалаҳои мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ, инчунин ҳамкории ду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ матраҳ хоҳанд шуд.

Зимнан, Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра манфиатдори густариши ҳамкории самарабахш бо Давлати Қатар ва сохтору ниҳодҳои он дар бахшҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад. Вобаста ба ин, масъалаҳое, ки дар рафти мулоқот баррасӣ хоҳанд шуд, дар роҳи густариши минбаъдаи муносиботи Тоҷикистон ва Қатар қадами ҷиддии навбатии равобити ҳасана арзёбӣ мешаванд.

**— Назари шумо ба рушди ҳамкории ду давлат дар соҳаи энергетика?**

Барои Тоҷикистон Қатар аз ҷумлаи шарикони муҳим дар арсаи байналмилалӣ буда, муносибатҳо дар соҳаи энергетика бисёр зарур мебошанд.

Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон истеҳсоли 527 миллиард киловатт/соат неруи барқ дар як солро доро мебошад, ки ҳоло ҳамагӣ то 5 фоизи он истифода мешавад.

Тоҷикистон аз нигоҳи захираҳои гидроэнергетикӣ, яъне неруи таҷдидшаванда дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ишғол менамояд ва аз рӯи фоизи истеҳсол ва истеъмоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар байни кишварҳои ҷаҳон дар ҷойи 6-ум меистад. Ин маънои онро дорад, ки захираҳои гидроэнергетикӣ яке аз асоситарин боигарии Тоҷикистон аст.

Ҳукумати Тоҷикистон тайи солҳои охир фазои мусоиди сармоягузориро ба вуҷуд овардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иштироки фаъоли ҷониби қатарӣ дар амалисозии лоиҳаҳои худ, аз ҷумла дар соҳаи энергетика истиқбол хоҳад кард. Ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои энергетикии барои минтақа муҳим захираҳои фаровони оби кишвари мо, ки тақрибан 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, заминаи мусоид мебошад.

Айни замон, дар Тоҷикистон татбиқи бузургтарин лоиҳаи неругоҳи барқи обии “Роғун” ҷараён дорад, ки муҳимтарин омили тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар буда, яке аз манбаъҳои асосии тавлидкунандаи энергияи «сабз» ба ҳисоб меравад.

Сохтмони Неругоҳи барқи обии “Роғун” бомаром идома дорад ва аллакай ду агрегати он ба кор даровarда шудааст. Неругоҳи «Роғун» аз 6 агрегат иборат аст, ки тавоноии ҳар кадом 600 мегаваттро ташкил медиҳад. НБО-и «Роғун» бо иқтидори 3800 мегаватт калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Амалисозии лоиҳаҳои бунёди иншооти бузургу миёна ва хурди энергетикии мо имконияти содир намудани барқи “сабз”-ро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Покистон фароҳам меорад. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки бо ҷониби қатарӣ ҳамкориро ба роҳ монад.

Инчунин, пешниҳод мешавад, ки бахши хусусии Давлати Қатар дар сармоягузории соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, хусусан дар бунёди неругоҳҳои бодию офтобӣ, бо назардошти таҷрибаи ғании соҳавӣ доштани ширкатҳо ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавии он, иштирок намояд.

Ташаккур!



# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ:
# ЗАМИНА БАРОИ РУШДИ КОНСЕПСИЯИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Дар асоси Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 ва аз 30 декабри соли 2019, №643 тасдиқ карда шудаанд, бо мақсади рақамикунонии мақомот, тайи солҳои охир Кумитаи андоз бо як қатор вазорату идораҳои дахлдор табодули маълумотро дар шакли электронӣ ба роҳ монда, барои рафъи камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои давлатии электронӣ чораҳои иловагӣ андешида истодааст.**

***Муовини сардори Раёсати технологияҳои иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷибулло Шарипов ин мавзуъро шарҳ дод.***

Ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ ва дар заминаи онҳо омода кардан ва ба роҳ мондани барномаҳои компютерӣ бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳаддалимкон маҳдуд намудани алоқаи бевоситаи кормандони мақомоти андоз бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон имрӯзҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад, - гуфт Наҷибулло Шарипов. - Рақамикунонии мақомоти андоз имконият медиҳад, ки пеш аз ҳама, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва андозсупорандагон ва табодули маълумот миёни мақомоти давлатӣ дар сатҳи замонавӣ ва ба таври фаврӣ таъмин ва ба ин васила самаранокии фаъолият дар ҳамаи самтҳо афзун гардонида шавад. Мақомоти андоз, алҳол, дар фаъолияти худ аз стандартҳои замонавӣ ва технологияҳои муосир бештар истифода намуда, барои ба роҳ мондани муносибатҳои шарикона бо бахши хусусӣ як қатор тадбирҳоро роҳандозӣ намудааст.

## ДОИР БА СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ (www.andoz.tj)

Ба гуфтаи Н. Шарипов, яке аз механизмҳои асосии танзимкунандае, ки мақомоти андоз барои андозсупорандагон муҳайё намудааст, сомонаи расмии Кумитаи андоз ба шумор меравад. Сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), ки ҳанӯз аз соли 2007 мавриди истифодаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон қарор дорад, бо дарназардошти муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» (аз 10 июли соли 2017, №344) пайваста таҷдид ва такмил дода мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2023 шакли таҷдидшудаи сомонаи Кумитаи андоз аз нав тарҳрезӣ гардида, мавриди истифода қарор дода шуд.

- Дар сомонаи Кумитаи андоз,- иброз дошт Наҷибулло Шарипов, - ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои мақомоти андоз, ки барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон омода гардида, иҷрои уҳдадории онҳоро осон ва қулай менамояд, ҷойгир карда шудааст, ки роҳандозии ин тадбирҳо, дар маҷмуъ, барои татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд. -Ҷиҳати осон ва қулай намудани сомонаи Кумитаи андоз дар он бахши “Хизматрасониҳои электронӣ” пешбинӣ гардидааст, ки андозсупорандагон ва шаҳрвандон метавонанд ба мақомоти андоз ҳозир нашуда аз ин хизматрасониҳо ройгон истифода намоянд.

Номбурда қайд кард, ки ҳоло ба раванди рақамикунонӣ тақвият бахшида шудааст. Дар натиҷа, дар давоми ду се соли охир аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор хизматрасониҳои нав мавриди амал қарор дода шудаанд, ки «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда», «Ҳуҷраи шахсӣ оид ба лоиҳаҳои грантӣ» барои пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ аз ҷониби татбиққунандагони лоиҳаҳои сармоягузорӣ, «Донистани рақами мушаххаси андозсупоранда», «Феҳристи ягонаи давлатӣ», «Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ» барои дар шакли электронӣ бе ташриф овардан ба мақомоти андоз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, «Андози даромад аз иҷора», «Тафтиши ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Портали хизматрасониҳои электронӣ», «Ҳисобнома-фактураҳои электронӣ», «Ҳисобкунаки (калкулятори) андоз» барои ҳисоб намудани андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва нақлиёт, андози замин, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, «Онлайн номнавис намудан барои қабул» дар Кумитаи андоз, «Онлайн – мушовир», «Пардохти андозҳо» - хизматрасонии эквайрингӣ ҷиҳати пардохти андозҳо тавассути кортҳои пардохти бонкӣ, “Баҳогузории сифати хизматрасонӣ”,«Саволҳо ва пешниҳодҳо», дар шакли электронӣ дастрас намудани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ аз ҳамин ҷумлаанд.

ҲУҶРАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

-Яке аз хизматрасониҳои дигари электронии мақомоти андоз, ки ба тавъри васеъ истифода мегардад, модули хизматрасонии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” ба шумор меравад, ки аз соли 2012 ба роҳ монда шудааст,-мегӯяд Наҷибулло Шарипов. - Кумитаи андоз бо мақсади татбиқи амалии Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва бо дарназардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ, модули барномаи компютерии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда»-ро боз ҳам такмил додааст. Қобили қайд аст, ки дар модули таҷдидшудаи “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда”, дар муқоиса бо шакли қаблии он, илова ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, барои шахсони воқеӣ имконияти пайваст шудан ба утоқи шахсӣ фароҳам оварда шудааст.

Тавассути ҳуҷраи шахсӣ шаҳрванд метавонад, пеш аз ҳама, маълумоти инфиродии худ, аз ҷумла рақами мушаххаси андозсупоранда, дар қайди кадом мақомоти андоз қарор доштан, объектҳои молу мулки ғайриманқули бақайдгирифташудаaро мушаххас намуда, бо огоҳиномаҳои ирсолнамудаи мақомоти андоз ва дигар иттилоот, ки дар мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мавҷуд ҳастанд, шинос шавад. Инчунин, ба ғайр аз пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳо ва тартиб додани санади муқоисавӣ бо мақомоти андоз андозсупорандагон имконият доранд тавассути ҳуҷраи шахсӣ бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ мукотиба кунанд, ҳамчунин, аз навигариҳои қонунгузорӣ ва маъмурикунонии андоз маълумот пайдо намоянд.

## КУШОДАНИ СУРАТҲИСОБ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВИИ ҚАРЗӢ

Чуноне ки Н. Шарипов ёдрас шуд, Кумитаи андоз барои андозсупорандагон шакли дигари хизматрасонии давлатӣ - “Кушодани суратҳисоб дар ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ” дар шакли электрониро мавриди истифода қарор додааст.

Барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бояд ҷиҳати дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ ва қарзӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва яке аз роҳҳои он кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар ташкилотҳои молиявии қарзӣ ба ҳисоб меравад, - таъкид кард номбурда. - Ҳоло дар натиҷаи аз ҷониби Кумитаи андоз мавриди истифода қарор додани хизматрасонии нав, кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ташкилотҳои молиявии қарзӣ тариқи электронӣ анҷом дода мешавад, ки барои субъектҳои хоҷагидор бисёр қулай буда, хароҷот ва вақти андозсупорандагонро сарфа менамояд. Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷумҳурӣ, Кумитаи андоз дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ, алҳол, бо 36 ташкилоти молиявии қарзӣ оид ба табодули электронии маълумот созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида, дар ин замина маълумотро тариқи электронӣ пешниҳод ва қабул намуда истодааст.

## ҲИСОБКУНАКИ АНДОЗ

Барои сода ва қулай намудани тартиби ҳисоб намудани андозҳо дар сомонаи Кумитаи андоз шакли хизматрасонии электронӣ «Ҳисобкунаки андоз» мавриди истифода қарор дода шудааст. Тавассути “Ҳисобкунаки андоз” соҳибкорон ва шаҳрвандон метавонанд маблағи андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ, аз молу мулки ғайриманқул ва нақлиёт, аз ҷумла қитъаҳои замин, биноҳо ва иморатҳоро бо тартиби содакардашуда ҳисоб намоянд. Хизматрасонии мазкур барои истифода дар телефонҳои мобилии дар шакли Android низ пешниҳод гардидааст. Андозсупорандагон замимаи онро метавонанд аз Play Market боргирӣ намоянд.

Наҷибулло Шарипов хотирнишон сохт, ки дар доираи амалӣ намудани Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, дар Кумитаи андоз аксари хизматрасониҳои давлатӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудаанд ва ҳамаи ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, барои аз ҷониби андозсупорандагон осон ва қулай гардидани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, аз ҷумла ҳисобу пардохти андозҳо равона гардидаанд. Кумитаи андоз кушиш менамояд, ки бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо, ҷиҳати такмили барномаҳо ва модулҳои барномаи компютерии амалкунанда, роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои нави электронӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мусоидат менамоянд, минбаъд низ чораҷӯӣ намояд.

Вобаста ба ин, аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш карда мешавад, ки бо мақсади сарфа намудани вақти худ, маҳдуд намудани таъсири омилҳои инсонӣ, ба тариқи содаву қулай огаҳӣ ёфтан аз қонунгузории андоз ва дурусту сари вақт таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои андозии худ, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, аз хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз самаранок истифода намоянд.

**Парвона ШАРИФОВА**

▼ ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

# ҲУНАРМАНДОНИ НОМДОР, ВАЛЕ БЕҚАЙДУ ҚАРЗДОР

**Ҳукумати мамлакат баҳри рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии соҳибкорон пайваста тадбирҳои судманд меандешад. Ин дастгирӣ, албатта, барои фаъолияти озоди соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ мардуми зиёд дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба кор ҷалб шудаанду дар бунёдкорию созандагӣ ва шукуфоии диёр саҳми намоён мегузоранд.**


Фараҳноз Шарипова


Мубориз Усмонов


Мадина Давлатова


Зафар Аюбов


Зикриоллоҳ Ҳакимов


Пенҷи Аннаев


Нишонаи Рустам

Аксари андозсупорандагон иҷрои уҳдадориҳои хешро ҷиҳати пардохти маблағи андозҳои муқарраршуда хуб таъмин карда, пешсафӣ ба даст овардаанд, аммо дар ин миён, андозсупорандагонеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки уҳдадории андозии худро дар назди буҷет иҷро накарда, қарздор шудаанд ё фаъолияти худро тибқи қонунгузории соҳаи андоз ба роҳ намондаанд.

Яке аз мавзуъҳое, ки борҳо мавриди интиқоди рӯзномаи "Боҷу хироҷ" қарор гирифтааст, бе қайди мақомот ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан ва қарздории ҳунармандон (сарояндагону навозандагон ва раққосон) дар назди буҷет мебошад. Теъдоди ҳунармандони аз андоз қарздор имрӯз ҳам афзуда истодааст, дар ҳоле, ки баъзе аз ҳунармандон бе қайди мақомоти андоз фаъолият карда, даромад ба даст меоранд. Аз ин хотир, идораи рӯзнома дар ҳамкорӣ бо мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтаанд, ки дар рӯзнома бахшида ба ҳамин мавзуъ боз мавод чоп намоянд.

Чуноне натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, аз тарафи на ҳамаи ҳунармандоне, ки ба фаъолияти санъаткорӣ машғул мебошанд, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда" риоя мешавад.

Тавре дар Кумитаи андоз гуфтанд, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда" барои фаъолияти сарояндагӣ навозандагӣ ва дигар хизматчиёни онҳо шаҳодатнома бо шартҳои махсус пешбинӣ гардидааст ва маблағи барои фаъолияти сарояндагӣ бе ташкили студияи шахсӣ 985 сомонӣ, фаъолияти навозандагӣ, раққосӣ, барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо 217 сомонӣ ва фаъолияти суратгирӣ, банаворгирии ҷашну маъракаҳо (бидуни ташкили студияҳо) (берун аз бинои статсионарӣ) 165 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Аз натиҷаи таҳлили ҳолати андозбандии санъаткорони ба фаъолияти сарояндагӣ машғулбуда бармеояд, ки ягон сароянда дар алоҳидагӣ фаъолияти худро бе навозанда, раққос, баранда ва дигар хизматчиён барои баргузории ҷашну маъракаҳо амалӣ карда наметавонад. Аксари онҳо бо роҳи ташкили гурӯҳи алоҳида ё дар тобеияти ягон гурӯҳи эҷодӣ фаъолият мекунанд ва дар бисёр ҳолатҳо бо ба даст овардани як ҳуҷҷат (шаҳодатнома бо шартҳои махсус) хизматчиёни дигари онҳо аз андозбандӣ дур мемонанд.

Натиҷаи таҳлил ва коркарди эъломияҳои андозии пешниҳодшуда аз ҷониби санъаткорон нишон додааст, ки на ҳамаи санъаткорон дар ҳисоботи андозӣ даромади воқеӣ, шумораи коргарони кироя (хизматчиён)-и худро дар эъломияҳои андозӣ дарҷ кардаанд. Дар ҳолатҳои дигар мушоҳида шудааст, ки аз ҷониби баъзеи онҳо ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ эъломияҳои андоз пешниҳод нашуда, андозҳои ҷорӣ низ сари вақт ба буҷет пардохт намегардад.

Таҳлилҳои аз ҷониби Кумитаи андоз дар ин самт гузаронидашуда нишон доданд, ки баъзе аз сарояндагон аз мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ ба даст оварда, пас аз чанд муддат фаъолиятҳои худро қатъ кардаанд, вале бе қайд дар мақомоти андоз фаъолият менамоянд. Ин дар ҳолест, ки аксари онҳо ҳамарӯза дар ҷашну маъракаҳо ва барномаҳои фарҳангӣ ҳунарнамоӣ менамоянд.

Гурӯҳи дигари ҳунармандон, умуман, аз қайди мақомоти андоз нагузашта, фаъолият карда истодаанд, ки ин хилофи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда" мебошад.

Чуноне мушоҳида мешавад, Ҳукумати кишвар баҳри рушди тамоми соҳаҳо, аз ҷумла фарҳанг пайваста ғамхорӣ зоҳир карда истодааст. Санъаткорон низ, бояд дар ҷавоб дар ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ саҳмгузор бошанд ва маблағи андозҳои муқарраршударо сари вақт супоранд. Вале баъзе аз ҳунармандон бо баҳонаҳои фаъолият намудан дар муассисаҳои давлатии фарҳангӣ ва ё иштирок дар чорабиниҳои давлатӣ, аз гирифтани ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ худдорӣ намуда, бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолият машғул мебошанд.

Аз Кумитаи андоз рӯйхати шахсони воқеиеро, ки бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти сарояндагӣ, навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо машғуланд, пешниҳод карданд, то онро дар рӯзнома нашр намоем.

### Ҳунармандони беқайд

| № | Номгӯйи шахсони воқеӣ, ки бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти сарояндагӣ, навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо машғуланд. (Ба ҳолати 10 июни соли 2023) |
|---|---|
| 1 | Фараҳноз Шарипова |
| 2 | Назираи Беназир |
| 3 | Самира Собирӣ |
| 4 | Камила Раҳимова |
| 5 | Мубориз Усмонов |
| 6 | Қурбонов Парвиз |
| 7 | Умедҷони Бурҳон |
| 8 | Анисаи Азиз |
| 9 | Шаҳроми Абдуҳалим |
| 10 | Ашуров Парвиз |
| 11 | Фарҳоди Ғафурӣ |
| 12 | Мадина Давлатова |
| 13 | Нигора Холова |
| 14 | Набиҷон Имомов |
| 15 | Пенҷи Аннаев |

| | |
|---|---|
| 16 | Зафар Аюбов |
| 17 | Шаҳноз Қосимова |
| 18 | Муслима Қодирова |
| 19 | Зикриоллоҳ Ҳакимов |
| 20 | Шаҳриёр Давлатов |
| 21 | Эркинбой Одинаев |
| 22 | Муҳаммадрафии Кароматулло |
| 23 | Исроил Файзиддинов |
| 24 | Дилноза Каримова |
| 25 | Айниддини Қурбон |
| 26 | Нозимҷон Раҳимов |
| 27 | Субҳиддин Раҷабзода |
| 28 | Фирдавс Муҳиддинов |
| 29 | Сабина Маматқулова |
| 30 | Ҳусейнзод Ҷамшеди |
| 31 | Домуллоҷон Юсупов |
| 32 | Шаҳроми Абубакр |
| 33 | Фаррух Собирзода |
| 34 | Толибҷон Исмоилов |
| 35 | Шаҳло Ҳафизова |
| 36 | Ҷаҳонгир Зарипов |
| 37 | Аминаи Юсуфӣ |
| 38 | Тахмина Исматова |
| 39 | Фаридуни Хуршед |
| 40 | Рафоати Ҷамшед |
| 41 | Абдулҳафиз Низомов |
| 42 | Нишонаи Рустам |
| 43 | Шаҳбози Акобир |
| 44 | Дилором Курбонова |
| 45 | Парвиз Сидиқов |
| 46 | Ғуломҷон Алламуродов |
| 47 | Нодирабегим Усарзода |
| 48 | Азизхони Ризо |
| 49 | Абдувакил Раупов |
| 50 | Аҳлиддини Фахриддин |
| 51 | Фараҳманд Каримов |
| 52 | Сафармуҳаммад Рустам |
| 53 | Хайём Хайёлбеков |
| 54 | Маҳмадалӣ Умар |

Дар Кумитаи андоз гуфтанд, ки масъалаи дигари ташвишовар, афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби як зумра сарояндагон маҳсуб мешавад. Мутахассисони соҳаи андоз омилҳои асосии дар назди буҷет қарздор мондани ҳунармандонро, пеш аз ҳама, дар паст будани маърифати андозсупории иддае аз онҳо ва дар муҳлатҳои муқарраргардидаи қонунгузории андоз ба таври дахлдор ва пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби сарояндагон маънидод мекунанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки имрӯзҳо шумораи зиёди ҳунармандон аз ҷумла, санъаткорон дар баробари фаъолияти сарояндагӣ, боз ба фаъолияти блокнависӣ (блогерӣ) машғул гардида, шабакаҳои иҷтимоиро манбаи даромади худ қарор додаанд, аммо аз ин ҳисоб даромадҳои худро мустақилона ба мақомоти андоз пешниҳод накарда истодаанд.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби мақомоти андоз ба нишонии сарояндаҳои аз андоз қарздор борҳо огоҳинома ҷиҳати пардохт кардани қарзи андозҳояшон ирсол шудааст, вале ҳунармандон муқаррароти огоҳиномаро нодида гирифта, нисбат ба иҷрои талаботи он беэътиноӣ зоҳир карда истодаанд, ки ин дар навбати худ ҷазои маъмуриро талаб мекунад.

Рӯйхати сароянддагонеро, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории соҳаи андоз ба роҳ мондаанд, вале сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт накардани андозҳои муқарраршуда дар назди буҷет қарздор мондаанд, пешниҳод мекунем.


Баҳром Ашуров


Ҳабиба Давлятова


Сангалӣ Мирзоев


Бахтовар Маҳмудов


Нобовар Чаноров


Ҷамила Каримова


Зиёвуддин Нуров

## Ҳунармандони қарздор

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | Маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозсупорандагон дар 5 моҳи соли 2023 (бо сомонӣ) | | Бақияи қарзи андоз ба ҳолати 10 июни соли 2023 (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳисобшуда | пардохтшуда | |
| 1 | Баҳром Ашуров | 30.01.2013 | 5832 | 0 | -96352 |
| 2 | Ҷамила Каримова | 02.02.2015 | 5832 | 0 | -73478 |
| 3 | Умаров Файзалӣ | 22.08.2017 | 5832 | 0 | -52767 |
| 4 | Зафарҷон Гулматов | 14.09.2015 | 3888 | 0 | -38495 |
| 5 | Соҳибҷон Кенҷаев | 14.11.2018 | 3888 | 0 | -30968 |
| 6 | Бахтовар Маҳмудов | 27.01.2017 | 5832 | 0 | -30200 |
| 7 | Дильшод Айматов | 26.08.2015 | 3888 | 0 | -29776 |
| 8 | Зафарҷон Садиқов | 01.03.2018 | 3888 | 0 | -27457 |
| 9 | Шарофидин Ёрматов | 05.08.2014 | 4860 | 0 | -16885 |
| 10 | Машрап Раҷабов | 06.07.2018 | 3888 | 0 | -15539 |
| 11 | Исохон Исоев | 10.10.2017 | 3402 | 0 | -13621 |
| 12 | Сангалӣ Мирзоев | 10.03.2018 | 5832 | 6000 | -12839 |
| 13 | Алишерхон Ибодуллаев | 26.04.2016 | 5832 | 0 | -11397 |
| 14 | Фаридун Гадоев | 25.02.2017 | 3402 | 5200 | -7866 |
| 15 | Мубинҷон Холиқов | 03.08.2020 | 5346 | 4599 | -3120 |
| 16 | Шаробидин Холмирзоев | 15.11.2022 | 3888 | 1000 | -2519 |
| 17 | Қурбонхуҷа Алиев | 19.06.2018 | 3888 | 2640 | -2399 |
| 18 | Ҷавоҳир Назаров | 07.12.2022 | 3888 | 1560 | -2328 |
| 19 | Рустамҷон Фозилов | 11.08.2021 | 3888 | 3050 | -2100 |
| 20 | Зиёвуддин Нуров | 18.03.2022 | 5832 | 3788 | -2044 |
| 21 | Ораз Исмоилов | 01.07.2020 | 3402 | 2500 | -2005 |
| 22 | Нобовар Чаноров | 22.05.2017 | 5832 | 3863 | -1970 |
| 23 | Суҳроб Орипов | 17.12.2020 | 4860 | 2800 | -1952 |
| 24 | Баҳодур Абдусагатов | 17.03.2021 | 4860 | 6160 | -1640 |
| 25 | Парвиз Ҳайдаралиев | 11.06.2021 | 4860 | 2610 | -1584 |
| 26 | Ҷамила Муҳриддинова | 17.12.2018 | 5832 | 5022 | -1317 |
| 27 | Ҳабиба Давлятова | 17.09.2020 | 5346 | 3900 | -1113 |
| 28 | Амиржон Ҷураев | 22.06.2021 | 5832 | 4735 | -1082 |
| 29 | Суруш Холов | 20.05.2022 | 5832 | 4457 | -1026 |
| 30 | Фарзонаи Хуршед | 21.06.2021 | 5832 | 4824 | -1009 |
| 31 | Сафармурот Ёрматов | 15.03.2021 | 4860 | 3 960 | -1 000 |
| 32 | Абдушукуров Ҷамшед | 04.06.2010 | | | -2420 |
| 33 | Содиқҷон Холов | 13.04.2017 | | | -13058 |
| 34 | Уктам Собиров | 02.07.2018 | | | -1038 |
| 35 | Шарофат Хоҷаева | 22.08.2011 | | | -1965 |
| | **Ҷамъ:** | | **150174** | **72668** | **-487848** |

Масъалаи нигаронкунанда ин аст, ки аксари ҳунармандон, сарояндагон ва барандагон дар ҷашну маъракаҳои давлатӣ ва хусусӣ доди ватанхоҳӣ мезананд, аз дӯст доштани Ватан сухан мегӯянд, арзишҳои миллиро дар мадди аввал мегузоранд, вале фаъолияти худро ба қайди давлатӣ намегиранду маблағҳои муқарраршудаи андозро сари вақт пардохт намекунанд. Ин амали онҳо дар зеҳни инсон суолеро ба вуҷуд меоварад, ки шоир барҳақ фармудааст: "...Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст ё кирдор?".

Вақте чунин шахсон, ки худро мардуми бофарҳанг ҳисобида, ба қавле, "дар хидмати халқу ҷомеа" ҳастанд, аз пардохти андоз саркашӣ мекунанд, дигар аз мардуми одӣ чиро метавон интизор шуд? Пардохти андоз барои ҳар андозсупоранда ҳам қарз асту ҳам фарз. Аз ин хотир, набояд аз пардохти он сарпечӣ намуд!

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# САВОЛИ АНДОЗСУПОРАНДА ВА ПОСУХИ МУТАХАССИС



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта фаъолияти шуъбаи иттилоотии Кумитаи андозро (Маркази тамос) такмил дод ва ҳоло шаҳрвандон метавонанд дар рӯзҳои корӣ бо Маркази тамос (151) дар тамос бошанд. Аз соати 8:00 то 17:00 мутахассисони шуъбаи иттилоотӣ ба саволҳои андозсупорандагон роҷеъ ба масъалаҳои андозбандӣ посух медиҳанд.

**Савол: Оё соҳибкоре, ки бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият мекунад, ҳангоми гузариш ба дигар шакли андозбандӣ ва ё ҳангоми барҳамдиҳӣ аз ҷониби мақомоти андоз тахти санҷиши андозӣ қарор мегирад?**

Ҷавоб: Дар асоси талаботи Кодекси андоз ва бо дарназардошти муқаррароти қонунгузорӣ дар давраи фаъолият, ҳангоми гузариш аз низоми патентӣ ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус, инчунин, ҳангоми қатъи барҳамдиҳӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус санҷишҳои андозӣ гузаронида намешаванд.

**Савол: Ман дар асоси шаҳодатнома ба истеҳсоли ҳасиб машғулам. Минбаъд фаъолиятамро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монам ё тариқи шаҳодатнома?**

Ҷавоб: Мутобиқ ба талаботи банди 45 Қоидаҳои мазкур, фаъолияти минбаъдаи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда, дар баробари дигар намуди фаъолиятҳо, аз ҷумла фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ, новобаста аз ҳаҷми даромад аз санаи ташкилшавӣ, дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд. Истеҳсоли ҳасиб ба гурӯҳи молҳои саноатӣ дохил гардида, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

**Савол: Барои фаъолият бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва патент чӣ гуна имтиёзҳо пешбинӣ карда шудаанд?**

Ҷавоб: Тибқи муқаррароти банди 21 қарори мазкур ҳангоми бо сабабҳои узрнок фаъолият накардан, аз ҷумла ҳангоми бемории бистарӣ, дар давраи рухсатии ҳомилагӣ ва таваллуд, дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, рух додани сӯхтор ва офатҳои табиӣ дар маҳалли фаъолият, бо санади судӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва (ё) дар изолятор (тавқифгоҳ)-и тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ва ҷорӣ гардидани карантин дар маҳалли фаъолият андозҳо барои патент дар ин давра пардохт карда намешаванд.

Инчунин, аз лаҳзаи вафоти соҳибкори инфиродӣ, эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ оид ба бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф гардидани соҳибкори инфиродӣ (дар сурати набудани вориси ҳуқуқӣ), маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ андозҳо барои патент пардохт карда намешаванд.

Илова бар ин, барои соҳибкори инфиродие, ки пардохти маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо дарназардошти индексатсия) таъмин менамоянд, маблағи умумии пардохт ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки имтиёзҳои пешбинишуда ҳам ба соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда ҳам нисбат ба соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда низ татбиқ мегардад.

**Савол: Дар асоси патент ба кадом намуди фаъолият метавон машғул шуд?**

Ҷавоб: Мутобиқ ба замимаи 1 Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз рӯи 18 адад номгӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патентро доро мебошанд.

Барои дастрас намудани номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент амалишаванда ва андозаҳои пардохт барои онро вобаста ба коэффитсиенти минтақавӣ метавонед, аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), бахши қонунгузорӣ истифода кунед ва ё бо роҳи муроҷиат ба нозироти андози маҳалли қайд онро дастрас намоед.

**Савол: Дар сурати сари вақт пардохт накардани маблағи андози шаҳодатнома бо шартҳои махсус оё фоизҳо барои ин давра ҳисоб карда мешаванд?**

Ҷавоб: Тибқи муқаррароти бандҳои 20 ва 33 Қоидаҳои мазкур аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, андозҳо мустақилона бо тариқи пешпардохт то санаи 5-уми моҳи ҷорӣ барои як моҳ ё якчанд моҳи минбаъда бояд ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт карда шавад.

Дар ҳолати риоя нагардидани муҳлати муқарраршуда маблағи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои ҳар моҳи тақвимӣ ба таври автоматӣ ҳисоб карда мешавад.

**Савол: Ҷаро патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус гузаронида шуд ва андозбандии он чӣ гуна аст?**

Ҷавоб: Бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти мавҷуд будани мушкилиҳо дар самти баҳисобгирии маблағҳои хариди мол, кор ва хизматрасониҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидори дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда, ки маблағи хариди онҳо, қаблан, ҳангоми ҳисоби андоз аз даромад (фоида) хароҷот вобаста ба хариди мол аз соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ба инобат нагирифтан, имконияти истифодаи то 2 нафар коргари кироя мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин, таклифу пешниҳодҳои соҳибкорон, сармоягузорон ва дигар ассотсиатсияҳои соҳибкориро ба инобат гирифта дар қонунгузорӣ тартиби андозбандӣ аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус бо афзалиятҳои иловагӣ ба соҳибкорон пешбинӣ карда шуд.

**Савол: Музди меҳнат барои соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда чӣ қадар аст?**

Ҷавоб: Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 июли соли 2019 сар карда, андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 400 сомонӣ муқаррар гардида, ин нишондод аз 1 июли соли 2022 ба андозаи 600 сомонӣ баробар карда шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба корманди кирояи худ ҳадди ақалли музди меҳнатро пардохт намояд. Музди меҳнат бояд воқеъбинона ва бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозорӣ муайян карда шавад.

**Савол: Ман бо шаҳодатномаи махсус фаъолият мекунам ва корманди кирояро як ё ду моҳ дар мавсимҳои алоҳидаи сол истифода менамоям. Барои он коргар то охири сол андоз супорам?**

Ҷавоб: Тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми истифодаи корманди кироя шуморо зарур аст, ки барои иҷрои кор бо чунин корманд шартномаи меҳнатии муҳлатнок ба имзо расонида, нусхаи онро ба нозироти андози маҳалли қайди худ пешниҳод намоед. Дар сурати ба анҷом расидани муҳлати шартномаи меҳнатӣ ва ё пеш аз муҳлат қатъ намудани он ҳатман бо ариза мақомоти андози маҳалли қайди худро расман огоҳ намоед.

**Савол: Ба соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки ба истеҳсоли хишт (сементӣ, хокӣ ва ғайраҳо) машғул мебошанд, гузариш ба шахси ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст?**

Ҷавоб: Мутобиқ ба талаботи банди 45 Қоидаҳои мазкур, фаъолияти минбаъдаи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда, дар баробари дигар намуди фаъолиятҳо, аз ҷумла фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ, новобаста аз ҳаҷми даромад аз санаи ташкилшавӣ, минбаъд дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд. Бинобар ин, ҳангоми ба истеҳсоли дилхоҳ намуди хишт машғул гардидан шумо ӯҳдадоред, ки фаъолияти минбаъдаи худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монед.

**Савол: Муҳлати иваз намудани варақаи патент то кай муайян карда шудааст?**

Ҷавоб: Тибқи муқаррароти банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 марти соли 2022, №151) соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти онҳо ба қарори мазкур мутобиқат намекунад, ӯҳдадоранд ба мақомоти андози маҳалли қайди худ муроҷиат намуда, фаъолияти соҳибкории худро ба тартиби нав мутобиқ намоянд. Хотиррасон карда мешавад, ки муҳлати гузариш аз 1 апрели соли 2022 то 1 июли соли 2022-юм муқаррар шуда буд. Соҳибкорон ин амалро иҷро накардаанд, ҳатмӣ ба нозироти андози ҷойи фаъолият муроҷиат менамоянд.

Иваз намудани шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани гурӯҳи фаъолият ба тартиби нав дар мақомоти андоз ройгон анҷом дода мешавад.

**Савол: Ман нафақахӯраму бо номи худ ҳуҷҷати соҳибкорӣ дорам. Баъд аз нисфирӯзӣ писарам ба ҷойи ман фаъолият мекунад. Ман бояд бо фарзанди худ шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонам?**

Ҷавоб: Тибқи муқаррароти моддаи 1 Кодекси андоз, мафҳумҳо ва истилоҳоти қонунгузории гражданӣ, оилавӣ ва соҳаҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Кодекси мазкур истифода шудаанд, бо ҳамон маъное фаҳмида мешаванд, ки дар ҳамин соҳаҳои қонунгузорӣ истифода мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 16 Кодекси андоз, шахси воқеие, ки кори кирояро иҷро карда буд, иҷро карда истодааст ё минбаъд иҷро мекунад, дар Кодекси андоз «корманд» ва шахсе, ки ҳаққи хизматрасонии чунин шахсро пардохт мекунад, «корфармо» номида мешавад ва чунин пардохт «музди меҳнат» ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, барои мақсадҳои андозбандӣ шуморо зарур аст, ки дар ин хусус шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонида, нусхаи онро ба нозироти андози маҳалли қайди худ пешниҳод ва пардохти маблағи андозҳои ҳисобшавандаро барои давраи дахлдор ба буҷет таъмин намоед.

**Таҳияи**
**Инобат САДИРОВА**

# «ЧАТ-ПАЁМАК» - УСУЛИ МУОСИРИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ

**Кумитаи андоз дар доираи барномаҳо ва қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз тақвият бахшида, дар доираи он ҷиҳати дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд. Яке аз хизматрасониҳо дар реҷаи “вақти воқеӣ” қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон дар сомонаи Кумитаи андоз (http://andoz.tj) бо усули Онлайн-мушовир “Чат-паёмак” ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ин мавзӯъ, бо мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоҳрухон Ҳисайнов суҳбате анҷом додем, ки онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**



**- Аввалан, бигӯед, ки Чат-паёмак чӣ гуна хизматрасонӣ аст ва онро чӣ тавр истифода мекунед?**

- Чат-паёмак низ яке аз хизматрасониҳои муҳими мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, кори андозсупорандаро осон мекунад. Барои истифода кардани Онлайн-мушовир “Чат-паёмак” шаҳрвандон ва андозсупорандагонро мебояд ба сомонаи Кумитаи андоз (http://andoz.tj) ворид шаванд ва дар қисмати ҳамаи хизматрасониҳои электронӣ вориди ин модул гарданд. Баъди ворид гардидан дар хоначаи ”ному насаб” - ному насаби муроҷиаткунанда ва дар хоначаи “саволи шумо” - саволу дархости худро навишта, баъдан хоначаи “оғози суҳбат” – ро зер кунанд ва аз корманди мутасаддии Кумитаи андоз - мушовири мақомоти андоз ба савол ва дархостҳои худ ҷавоб гиранд.

**- Андозсупоранда дар кадом вақт метавонад аз он истифода кунад?**

- Ёдрас мекунем, ки Онлайн-мушовир “Чат-паёмак” дар рӯзҳои корӣ аз соати 8-00 то 12-00 ва аз 13-00 то 17-00 дар хизмати шаҳрвандон ва андозсупорандагон қарор дорад. Андозсупорандагон мунтазам бо мушовири мақомоти андоз дар тамос буда, тавассути “Чат-паёмак” оид ба қонунгузории андоз ба таври онлайн посух мегиранд. Кормандони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки ба пурсишҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон посухҳои қаноаткунанда диҳанд.

**- Бо усули электронии “Чат” чӣ қадар муроҷиатҳо ва дар кадом мавзӯъҳо ворид шудаанд?**

-Дар соли 2022-юм 342 нафар шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо усули электронии “Чат” дар шакли “СМС-паёмак” тавассути сомонаи Кумитаи андоз муроҷиат намуда, ба саволҳои худ дар реҷаи “вақти воқеӣ” посух гирифтанд.

Аз 342 муроҷиат тавассути барномаи “Онлайн-мушовир” қабулшуда, 37 адади он (10,5 фоиз) аз хориҷи ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Муроҷиатҳо, асосан, вобаста ба масъалаҳои татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 “Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда”, ҳисоб кардани андоз аз молу мулки шахсони воқеӣ, пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад ва вазъи молу мулки хизматчӣёни давлатӣ, ҳисобу пардохти андози фоида, суди саҳмия ва ғайраҳо дахл дошта ба онҳо баррасӣ ва пурра ҷавоб гардонида шуданд.

Инчунин, дар чор моҳи аввали соли 2023 тавассути Онлайн-мушовир “Чат-паёмак” дар шакли “СМС-паёмак” 106 муроҷиат ворид шудааст, ки онҳо бештар ба масъалаҳои зерин дахл доштанд:

- тартиби пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ,
- оид ба эъломияҳои хизматчӣёни давлатӣ,
- ҳисоботи электронӣ,
- ДНХ ва POS – терминал,
- бақайдгирӣ ва қатъкунии фаъолияти субъектҳо,
- санади муқоисавии электронӣ,
- андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мебошанд.

**- Кумитаи андоз дар самти беҳтар кардани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон чӣ нақшаҳоро рӯи даст гирифтааст?**

- Кумитаи андоз тасмим гирифтааст, ки дар доираи имкониятҳои техникӣ ва шабакаи дохилисоҳавии мақомоти андоз, минбаъд ҷиҳати вусъат бахшидани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҳамчунин, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ пайваста чораҷӯӣ намояд. Ҳадафи ташкили хизматрасониҳои мақомоти андоз, асосан, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва молиявии соҳибкорон, аз байн бурдани санҷишҳои ғайриқонунӣ, дар асоси қонунгузорӣ фаъолият намудани соҳибкорон, сари вақт пардохт намудани андозҳо ва риоя гардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки андозсупорандагон ҳам дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ ва малакаи корӣ дар барномаҳоро дошта бошанд. Ҳар як муроҷиати андозсупоранда ва шаҳрванд (хаттӣ, шифоҳӣ, телефонӣ ё электронӣ) ба таври ҷиддӣ ва мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” баррасӣ карда мешавад.

Дар доираи амалӣ намудани Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Кумитаи андоз аксари хизматрасониҳои давлатӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудаанд. Ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, ба он равона карда шудаанд, ки иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, аз ҷумла ҳисобу пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон осону қулай сурат гирад.

**Мусоҳиб**
**Инобат САДИРОВА**

# ТАҚВИМИ АНДОЗ – РОҲНАМОИ ВАҚТ ВА МУҲЛАТИ АНДОЗСУПОРӢ

**Донистани вақт ва муҳлати андозсупорӣ барои андозсупоранда муҳим ва зарур мебошад. Инро дар мадди назар гирифта, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри сабукӣ овардан ба фаъолияти андозсупорандагон модули хизматрасонии тақвими андозро дар дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) дар зербахши “Тақвими андоз” мавриди амал қарор додааст, ки доираи васеи андозсупорандагон метавонанд аз он самаранок истифода карда, вақт ва муҳлати андози месупурдаашонро муайян созанд ва онро сари вақт супоранд.**

Пас аз ворид шудан ба сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ба поёни сомона назар андохта, ба модули “Тақвими андоз” ворид мешавем, сипас дар рӯ ба рӯямон тақвим бо аломатҳои шартӣ намуддор мегардад. Аломатҳои шартие ки дар тақвим ҷойгузор гардидаанд, чунин шарҳро доранд:

**- (шакли ромб)** Андози низоми содакардашуда дар давоми сол 4 маротиба (1 маротиба дар семоҳа) то санаи 15-уми моҳ, баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ (мисол: андози мазкур барои давраи аз январ то марти соли 2023 то санаи 15 апрели соли 2023 пардохт карда мешавад).

**- (чоркунҷа бо ранги сурх)** ААИ, пардохтҳои ҷории андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андози иҷтимоӣ ва андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия) дар давоми сол 12 маротиба пардохт карда мешаванд (ҳармоҳа) то санаи 15-уми моҳ, баъд аз моҳи ҳисоботӣ (мисол: пешниҳоди эъломияҳо ва пардохти андозҳои мазкур барои моҳи январ то санаи 15 феврал амалӣ карда мешаванд).

**- (чоркунҷа бо ранги сабз)** Аксизҳо дар давоми сол 12 маротиба пардохт карда мешаванд, Ҳар як эъломия то санаи 15-уми моҳ, баъд аз моҳи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешаванд (мисол: эъломия барои моҳи январи соли 2024 то санаи 15 феврал пешниҳод мешавад).

**- (чоркунҷа бо ранги кабуд)** Субъектҳои бизнеси бозӣ, ки бо низоми содакардашуда андозбандӣ мешаванд, эъломияҳоро 12 маротиба дар давоми сол пешниҳод менамоянд. Эъломияи низоми мазкур то санаи 15-уми моҳ, баъд аз моҳи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

**- (чоркунҷа бо ранги бунафш)** Эъломияи андоз аз даромад аз даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд, то санаи 1 апрели соли ояндаи баъд аз соли ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

**- (доирашакл)** Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) на дертар аз 15-уми феврал (бо тартиби пешпардохт), 15-уми май, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25%, 50%, 75% ва 100% маблағи солона.

**- (чоркунҷа)** Андози ягонаи соли ҷории андоз барои заминҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ на дертар аз 10-уми март ба андозаи на камтар аз 15% маблағи солонаи андоз:




- на дертар аз 10-уми июн ба андозаи на камтар аз 30% маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми сентябр ба андозаи на камтар аз 50% маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми декабр ба андозаи на камтар аз 100% маблағи солонаи андоз, пардохт карда мешавад.

**- (доирашакл бо ранги сабз тира)** Санаи имрӯза

**Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳама кӯшишу талошҳои мақомоти андоз ҷиҳати беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон равона гардидааст. Модули хизматрасонии “Тақвими андоз” низ баҳри осонии кори андозсупорангон роҳандозӣ гардида, роҳнамои вақт ва муҳлати андозсупории онҳо мебошад.**

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# МУФЛИСШАВИИ СОХТА ВА ПЕШГИРИИ ОН

## Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз иҷрои саривақтии нақшаву уҳдадориҳои андозӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад

**Дар асоси муқаррароти бобҳои 17 ва 18 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозсупорандагоне, ки сари вақт уҳдадориҳои худро оид ба пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ иҷро намекунанд, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ карда мешавад. Яъне, дар сурати аз ҷониби андозсупоранда дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро нагардидани уҳдадориҳои пардохти андоз, мақомоти андоз ба мақсади ситонидани маблағҳои қарзи андоз тадбирҳои нисбати маблағҳои тибқи мӯҳлат насупоридаи андозҳо ҳисоб намудани фоизҳо, боздоштани амалиётҳои хароҷотии суратҳисобҳои дар муассисаҳои бонкибуда ва ҳабси амволи андозсупорандаро ба амал мебарорад.**

Дар ҳолати натиҷаи дилхоҳ надодани тадбирҳои зикргардида, нисбати андозсупорандагони қарздор чораи ниҳоӣ татбиқи расмиёти муфлисшавӣ андешида мешавад.

Расмиёти муфлисшавӣ яке аз асосҳои барҳам додани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Ба он на танҳо расмиёти барҳамдиҳӣ, инчунин, азнавташкилкунӣ ва роҳҳои ғайрисудии барҳамдиҳӣ низ алоқаманд аст. Бояд қайд намоем, ки расмиёти муфлисшавии андозсупоранда аз расмиёти муқаррарии барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ фарқ мекунад. Барҳамдиҳии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус, аз ҷумла Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба танзим даровarда мешавад. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ на танҳо ба корхонаҳои давлатӣ, балки нисбати шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ низ татбиқ карда мешаванд.

Муфлисшавӣ, мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва ё иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст, мебошад.

Қарздор соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва ё иҷрои уҳдадориҳои пардохтҳои ҳатмӣ (андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ба буҷети дахлдор бо тартиб ва шартҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншаванда ворид мегарданд) дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қодир нест.

Барои муфлис намудани субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, бояд аломатҳои муфлисшавӣ дар фаъолияти субъекти муфлисшаванда мавҷуд бошад. Ҳамзамон, барои муайян намудани мавҷудияти аломатҳои муфлисшавии қарздор, ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла ҳаҷми қарзи ӯ барои моли гирифтааш (таҳвилгардида), корҳои иҷрошуда ва хизматҳои баҷоовarда, маблағи қарз бо дарназардошти фоизе мавриди тавҷҷуҳ қарор мегиранд, ки қарздор бояд онро пардохт намояд.

Мувофиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аломатҳои асосии муфлисшавӣ инҳо мебошанд:

- агар андозсупоранда (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ҳамчунин, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ) барои қонеъ намудани талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ, иҷрои андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии ба буҷет аз ҳисоби амволи он воридшаванда қодир набошад;

- агар чунин уҳдадориҳо аз тарафи андозсупоранда дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро карда нашаванд;

- агар маблағи умумии уҳдадориҳояшон аз арзиши амволи ба онҳо тааллуқдошта зиёд бошад.

Ҳамчунин, муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки оид ба пешгирии муфлисшавии ташкилотҳо тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Аммо, баъзе аз муқаррароти қонунҳои мазкур мухолифатҳо доранд, ки боиси гуногунфаҳмиҳо ва зиёд шудани муфлисшавии сохтаи субъектҳо гашта истодааст. Масалан, мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», мақомоти андоз ҳамчун тарафи парвандаи муфлисшавӣ эътироф мешавад, вале дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ин муқаррарот вуҷуд надорад ва ҳангоми барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ манфиати буҷети давлатӣ ба инобат гирифта нашуда, парвандаҳои судӣ бе иштироки намояндагони мақомоти андоз гузаронида мешаванд, ки ин ҳолат ба зиёдшавии қарзи андози чунин ташкилотҳои қарзӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон, ҳангоми қонеъ намудани талаботи қарздеҳон (кредиторон) пардохти маблағҳои андоз тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» дар навбати чорум ва тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» дар навбати ҳафтум гузошта шудааст, ки дар бисёр ҳолатҳо бе иҷро мемонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии дучори муфлисшавӣ гардидани субъектҳо, аслан, бесалоҳиятӣ, пешбурди мудирияти нодуруст аз ҷониби роҳбарияти онҳо ва бемасъулиятии муассисони шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷриба ва натиҷаҳои муфлисшавӣ нишон медиҳанд, ки қисми зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ муфлис эътироф гардида, барҳам дода шудаанд ва дар давраи фаъолият сармояи оинномавиашонро на ба тариқи молу амвол ва на маблағҳои пулии нақдию ғайринақдӣ ҷигоҳ дошта натавонистаанд. Ин ҳолат, аз як тараф, аз ҷониби роҳбарони субъектҳои ба муфлисӣ дучоргардида риоя нашудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба уҳдадориҳои худ бошад, аз дигар тараф, ба таҳлилу мониторинг фаро нагирифтани онҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳисоботқабулкунанда вобаста аст.

Бо мақсади пешгирии муфлисшавии сохтаи ташкилотҳо муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, молики амволи қарздор то замони ба суд додани ариза оид ба муфлис эътироф намудани қарздор бояд тадбирҳое андешанд, ки ба беҳбудии молиявии қарздор нигаронида шуда бошанд.

Тибқи талаботи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», ки молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ, муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, кредиторони қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва шахсони дигар дар доираи тадбирҳо оид ба пешгирии муфлисшавӣ метавонанд ба қарздор дар ҳаҷме, ки барои пардохт намудани уҳдадориҳои пулӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор (санатсияи тосудӣ) кифоягӣ мекунад, кумаки молиявӣ расонанд. Расонидани кумакҳои молиявиро, ҳамзамон, қабули уҳдадориҳо аз тарафи қарздор ё шахсони дигар ба манфиати шахсони кумаки молиявирасонида ҳисобидан мумкин аст.

Мутобиқи талаботи моддаи 150 Кодекси андози Ҷумурии Тоҷикистон, дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) пардохт нагардидани қарзи андозӣ ба буҷет пас аз андешидани тамоми чораҳои дар бобҳои 17 ва 18 Кодекси андоз пешбинишуда ё мавҷуд набудани маблағҳои пулии андозсупоранда дар суратҳисобҳои бонкӣ ва (ё) молу мулк ва (ё) қарзҳои дебиторӣ ҳангоми мавҷуд будани нишонаҳои муфлисшавӣ, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо ариза дар хусуси муфлис эътироф намудани андозсупоранда муроҷиат намояд.

Аризаи муфлисшавиро суд метавонад дар ҳолате қабул намояд, ки агар талабот нисбат ба қарздорон - субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ), дар маҷмуъ, на камтар аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва нисбат ба субъектҳои соҳибкории калон 2000 (ду ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил намояд.

Парвандаҳои муфлисшавӣ нисбати андозсупорандагонро суди иқтисодии маҳалли воқеъгардидаи қарздор баррасӣ менамояд. Суд танҳо ҳамон парвандаҳоеро баррасӣ менамояд, ки асоси кофӣ барои муфлишавӣ мавҷуд бошад. Асоси муфлис эътироф намудан - надоштани қобилияти қонеъ кардани талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷрои вазифаҳо оид ба ворид намудани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» рӯйпӯш намудани уҳдадориҳои андозии ташкилоти қарзӣ, ки мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарор мегирад, дар навбати ҳафтум муайян шудааст ва бо дарназардошти маҳдудияти иштирокчиёни парвандаҳои барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, ки дар моддаи 46 Қонуни мазкур муайян шудааст (Бонки миллии Тоҷикистон, барҳамдиҳанда ва мудири махсуси ташкилоти қарзӣ), хавфи зиёд гаштани бақияи қарзи андозии чунин ташкилотҳо афзуда, аз ҳисоб баровардани чунин қарзҳои беэътимод танҳо баъд аз гузаштани мӯҳлати даъво, ки дар моддаи 123 Кодекси андоз муайян гардидааст, мутобиқи тартиб аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, имкон дорад.

Аз рӯзи аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ мақомоти идоракунии қарздор аз иҷрои вазифаҳояшон оид ба идоракунӣ ва ихтиёрдории амволи қарздор дар ҳолате дур карда мешаванд, ки агар қаблан ин гуна дур кардан ҷой надошта бошад ва ҳамчунин ваколатҳои молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ қатъ мегарданд. Дар ҳалномаи суд оид ба муфлис эътироф намудани андозсупорандаи қарздор - соҳибкори инфиродӣ дар бораи беэътибор шудани бақайдгирии давлатии андозсупорандаи қарздор зикр карда мешавад.

Инчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», ҳалномаи суд дар бораи рад кардани муфлис эътироф намудани қарздор дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:

- набудани аломатҳои муфлисшавӣ, ки дар моддаи 5 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд;

- қонеъ гардидани талабҳои арзшудаи кредиторон то вақти аз тарафи суд қабул намудани ҳалнома дар бораи парвандаи муфлисшавӣ;

- муқаррар гардидани муфлисшавии сохта ва барқасд;

- дар ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст.

Агар аризаи қарздор ба суд оид ба муфлис эътироф намудан дар ҳолати мавҷуд будани имконияти қонеъгардонии пурраи талабҳои кредитор пешниҳод шуда бошад (муфлисшавии сохта), қарздор, ки ҳамин аризаро пешниҳод намудааст, дар назди кредиторон барои зарари бо додани ҳамин ариза расонидааш ҷавобгар мебошад.

Дар ҳолати муфлисшавии қарздор бо айби муассисони вай ё дигар шахсони мансабдор, аз ҷумла бо айби роҳбари қарздор, ки барои ба қарздор ҳуқуқи додани супоришҳои ҳатман иҷрошавандаро дорад ё ҳар гуна имконияти муайянсозии амали ӯро дорад (муфлисшавии барқасд), муассисон - шахсони ҳуқуқӣ ё дигар шахсони мансабдор ба ҷавобгарии субсидиарӣ кашида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати роҳ додан ба қонунвайронкуниҳо ҳангоми татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» дар муқаррароти моддаҳои 269 «Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ», 270 «Муфлисии бадқасдона» ва 271 «Муфлисии сохта» дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ дар намуди ҷарима ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се солро пешбинӣ шудааст.

Мақомоти давлатӣ ва андозсупорандагон вазифадоранд, ки барои пешгирӣ аз муфлисшавии сохта ва бадқасдона чораҷӯӣ намуда, дар ҳолати ошкор шудани ҷиноятҳои зикргардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд.

Қобили қайд аст, ки тибқи муқаррароти қисми 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 18 марти соли 2022, №1867 сархати дуюми банди 2) қисми 1 моддаи 122 Кодекси андоз хориҷ гардида, аз санаи 1 январи соли 2022 муфлис эътироф гардидани андозсупоранда бо қарори суд ба қатъ гардидани уҳдадории андозӣ асос шуда наметавонад.

Илова бар ин, мутобиқи муқаррароти қисми 3 Қонуни мазкур, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 131 Кодекси андоз дар таҳрири нав ифода карда шуда, қисми 4 ҳамин модда хориҷ карда шудааст. Аз ин лиҳоз, тартиби беэътимод эътироф кардани қарзи андозӣ ва аз ҳисоб баровардани қарзи андозии беэътимод эътирофшуда танҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Носир Собиров,**

**сармутахассиси Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАҲДУДИЯТИ ТАРҲҲО НИСБАТИ ФОИЗҲО

**- Ба андозсупоранда тарҳи пардохтҳо ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва барои иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ дар давраи ҳисоботӣ анҷомдодашуда иҷозат дода мешавад, - мегӯяд сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зуҳайл Ҷабборов. - Маблағи чунин пардохтҳо наметавонад аз 10 дарсади даромади андозбандишавандаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ зиёд бошад.**

Ҳангоми анҷом додани пардохти эҳсонкорӣ дар шакли молу мулк маблағи воқеии пардохти эҳсонкорӣ, хурдтарини яке аз ин ду бузургӣ – арзиши бозории молу мулк дар лаҳзаи супоридан ё арзиши аслии он ҳисобида мешавад.

Зуҳайл Ҷабборов ёдрас намуд, ки ба андозсупоранда тарҳкунӣ барои пардохтҳо ё кумакҳои дигар барои пешгирии оқибатҳо ё расонидани кумак дар робита бо офатҳои техногенӣ ё табиӣ ё эпидемия иҷозат дода мешавад.

Мисол. ҶСК «А» дар соли ҳисоботӣ ба маблағи 20,0 млн сомонӣ бинои муассисаи таълимиро сохта, онро ба мақомоти давлатӣ ройгон месупорад, яъне фаъолияти эҳсонкорӣ менамояд. Дар ин давра, даромади умумии ҶСК «А» аз фаъолияти соҳибкорӣ 350,0 млн сомонӣ, тарҳҳои бо мақсади ҳисоб намудани андоз аз даромад 180,0 млн сомонӣ ва даромади андозбандишаванда 170,0 млн сомониро ташкил медиҳад. ҶСК «А» илова ба тарҳҳои пешбинишуда ҳуқуқ дорад, ки аз даромади андозбандишавандаи худ (170,0 млн сомонӣ) 10% хароҷоти эҳсонкории худро тарҳ намояд. Яъне бо мақсади андоз аз даромад аз 170,0 млн сомонӣ даромади андозбандишаванда маблағи барои сохтмони бинои муассисаи таълимӣ хароҷотнамудаи худ 20,0 млн сомониро тарҳ накарда, ҳуқуқ дорад, ки танҳо 10% он - 17,0 млн (170000000*10%) сомониро аз даромади андозбандишаванда тарҳ намояд. Баъд аз тарҳи мазкур манбаи андоз аз даромади Ҷамъият 153,0 млн (170,0-17,0) сомониро ташкил медиҳад.

Номбурда гуфт, ки ба андозсупоранда тарҳ кардани фоизҳои воқеан пардохтшуда барои ҳар қарз дар давраи ҳисоботӣ иҷозат дода мешавад, аммо ба андозаи на бештар аз маблағи секаратаи фоизҳои бо истифодаи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобшуда (ҳисобшаванда), ки дар давраи андоз амал мекунад. Ҳамин муқаррарот нисбат ба фоизҳои супоридашаванда тибқи шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) низ татбиқ мегардад.

Фоизҳои қарзҳое, ки дар робита ба харид ва (ё) сохтани воситаҳои асосии истеҳлокшаванда пардохт мешаванд ё бо харочоте марбут мебошанд, ки ба тағйирёбии арзиши то ба истифода додани онҳо таъсир мерасонанд, аз даромади умумии солона тарҳ карда намешаванд, вале арзиши чунин воситаҳои асосиро зиёд менамоянд.

Мисол. Дар моҳи январи соли 2022 ҶДММ «Н» ба мӯҳлати як сол ба маблағи 100000 сомонӣ бо меъёри солонаи 22 дарсад қарз гирифтааст. Бо тамом шудани мӯҳлати қарз андозсупоранда маблағи асосии қарз (100000 сомонӣ) ва фоизҳои онро барои як сол ба маблағи 22000 сомонӣ, воқеан, пардохт намудааст. Меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2022 ба 14 дарсад (шартан) баробар аст. Яъне бо дар назар доштани маблағи секаратаи фоизҳои бо истифодаи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобшуда аз меъёри фоизии қарзи гирифтаи Ҷамъият бештар мебошад (14%*3)*100000=42000 > 100000*22%=22000), ки дар чунин сурат ба Ҷамъият иҷозат дода мешавад, ки ҳамаи маблағи пардохти фоизи қарзии худро аз даромади умумии худ бо мақсади андоз аз даромад тарҳ намояд.

Андозсупорандагон нисбат ба қарзҳои безътимод вобаста ба таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ба тарҳ ҳуқуқ доранд, агар даромади марбут ба онҳо қаблан ба даромади умумие, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифта шудааст, дохил карда шуда бошад.

Қайд бояд кард, ки тарҳ нисбат ба қарзи безътимод дар лаҳзаи аз эътибор соқит намудани қарз ҳамчун арзишнадошта дар дафтарҳои муҳосибавии андозсупоранда ба шарте, ки соқиткунӣ ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ мутобиқ мебошад, иҷозат дода мешавад.

Мутобиқ ба муқаррароти банди 17) моддаи 2 Кодекси андоз, қарзи безътимод маблағест, ки бояд ба андозсупоранда пардохт шавад, вале бо сабаби ғайриқобили пардохт будан ё барҳам дода шудани қарздор, андозсупоранда онро пурра гирифта наметавонад ё имконияти гирифтани он аз шахси қарздор ё шахси сеюм аз эҳтимол дур аст ва он дар ҳисоби муҳосибии андозсупоранда мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳамчун аз ҳисоб баровардашуда инъикос ёфтааст. Дар ҳар ҳолат, қарзи безътимод қарзе мебошад, ки дар ҳисобҳои молиявии андозсупоранда безътимод ҳисобида мешавад ва барои ба суратҳисоби пардохтии бонкӣ ё хазинавии он дар давоми се сол, аз лаҳзае, ки чунин пардохт бояд анҷом дода мешуд, ягон пардохт сурат нагирифтааст ва ё нобобаста ба дигар ҳолатҳо, андозсупоранда барҳам дода шудааст.

Мисол. ҶДММ «А» дар моҳи марти соли 2019 ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Б» ба маблағи 900000 сомонӣ мол таҳвил менамояд ва вобаста ба таҳвили ин мол санадҳои қабул ва ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунандаи таҳвили мол мавҷуд мебошад. Вале бо сабаби ғайриқобили пардохт будани харидор, дар давоми се сол аз лаҳзаи дар шартнома қайд шудани вақти пардохти арзиши мол аз ҷониби ҶСП «Б» тавассути суратҳисоби бонкӣ ягон пардохт сурат нагирифтааст. ҶДММ «А» арзиши таҳвили моли мазкурро қаблан дар соли 2019 ба даромади умумии худ дохил кардааст, дар ҳисобҳои молиявии худ онро қарзи безътимод ҳисобида, вобаста ба масъалаи мазкур ба суд низ муроҷиат намудааст. Дар ин ҳолат, пас аз сипарӣ шудани се сол аз лаҳзаи муайяншуда пардохт нашудани арзиши хариди мол, ҶДММ «А» ҳуқуқ дорад, ки онро қарзи безътимод эътироф карда, ҳангоми ҳисобкунии андоз аз даромади соли 2022 ин маблағро аз даромади умумӣ тарҳ намояд.

Зуҳайл Ҷабборов, хотирнишон сохт, ки ба андозсупоранда тарҳ кардани харочот барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструктории вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ба истиснои харочот барои харидани воситаҳои асосӣ, васлсозии онҳо ва харочоти дигари хусусияти асосидошта, иҷозат дода мешавад. Асос барои тарҳи чунин харочот супоришҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, санади корҳои иҷрошуда ва санадҳои қабули давраҳои иҷрошудаи чунин корҳо мебошанд.

Нисбат ба харочот барои таҳқиқоти илмӣ, кори лоиҳакашӣ ва (ё) таҷрибавию конструкторӣ дар ташкилотҳое, ки ин намудҳои фаъолиятро ба сифати иҷрочӣ (паймонкор ё паймонкори фаръӣ) анҷом медиҳанд, татбиқ намешаванд. Ҳарочоти зикршуда ҳамчун харочот барои амалӣ намудани фаъолияти ин ташкилотҳо, ки барои гирифтани даромад равона шудааст, ҳисобида мешаванд.

Таҳти мафҳуми таҳқиқоти илмӣ ҳама гуна фаъолияти таҷрибавӣ дониста мешавад, ки натиҷаи онро пешакӣ дар асоси дониш, иттилоот ё таҷрибаи мавҷуда маълум ё муайян кардан имконнопазир аст, вале онҳоро танҳо бо роҳи гузаронидани ҷараёни муназзами таҳқиқот дар асоси принсипҳои илмҳои муқараршуда муайян кардан мумкин аст. Таҳқиқоти илмӣ ҷустуҷӯйи захираҳои табииро дар бар намегирад. Харочот барои таҳқиқоти илмӣ ҳама гуна саҳми гузоштаи андозсупорандаро ба муассисаи илмию-таҳқиқотӣ, ки он барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бо мақсади рушди тиҷоратии андозсупоранда истифода карда мешавад, дар бар мегирад.

Барзиёдии тарҳҳои ба андозсупоранда иҷозатдодашуда аз даромади умумӣ (зарар аз фаъолияти соҳибкорӣ) дар давраи ҳисоботӣ ба давраи минбаъда бо давомнокии то 3 солро фарогиранда гузаронида шуда, аз даромади то андозбандии давраи оянда пӯшонида мешавад.

- Ҳамзамон, - гуфт З. Ҷабборов, - зараре, ки аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии молу мулк (ба истиснои молу мулке, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад ё молу мулке, ки даромад аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии он аз андоз озод карда шудааст) расонида мешавад, аз ҳисоби даромад аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии чунин молу мулки дигар ҷуброн карда мешавад.

Агар ҷуброни зарари пешбинишуда дар ҳамон сол имконнопазир бошад, он ба давраи минбаъдаи то 3 солро дарбаргиранда гузаронида мешавад ва аз ҳисоби даромади аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии дигари чунин молу мулк гирифташуда ҷуброн карда мешавад. Зарарҳои аз даромади умумӣ дидааш тарҳ карда намешавад.

Мисол. Даромади умумии ҶДММ «А» бо натиҷаи фаъолияти хизматрасонӣ дар соли 2022 маблағи 7,5 млн сомонӣ ва тарҳҳои иҷозатдодашуда 8,5 млн сомониро ташкил дода, зарар аз фаъолияти соҳибкории Ҷамъият 1,0 млн сомонӣ мебошад. Инчунин, дар ҳамин давра аз фурӯши молу мулке, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад ва он аз андоз озод карда нашудааст, ба маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ зарар дидааст. Бо натиҷаи соли 2023 ҶДММ «А» аз натиҷаи фаъолияти хизматрасонӣ даромади то андозбадӣ гирифтааш 3,0 млн сомониро ташкил медиҳад. Дар чунин ҳолат, Ҷамъияти мазкур ҳуқуқ дорад аз 3,0 млн сомонӣ даромади то андозбандӣ 1,0 млн сомонии зарари соли 2022-ро тарҳ намояд, аммо Ҷамъият ҳуқуқи тарҳ намудани зарар аз фурӯши молу мулки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода нагардидаро ба маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ надорад. Зарар аз фурӯши чунин молу мулк фақат аз ҳисоби даромад аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии чунин молу мулки дигар ҷуброн карда мешавад. Бинобар ин, ба Ҷамъият аз 2,0 млн (3,0-1,0) сомонӣ бо меъёри 18% (2000000*18%) андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро ҳисоб намуда, ба буҷети давлатӣ пардохт менамояд.

**Муқаддаси МАЪРУФ**

# АФЗОИШИ КОРГАРОНИ КИРОЯ

**Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом дар сари вақт ба қайди давлатӣ гирифтани коргарони кироя ҳамин давраи соли равон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.**

Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози шаҳри Конибодом Файзалӣ Ҳамзализода, барои дар мақомоти андоз сари вақт ба қайди давлатӣ гирифтани коргарони кироя, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, коргоҳҳои истеҳсолӣ, марказҳои савдою хизматрасонӣ, нуқтаҳои хӯроки умумӣ фаъолият доштанд, аз оғози соли ҷорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд. Ҷонок намудани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ дар ин ҷода натиҷаҳои хуб ба бор оварданд. Ин буд, ки теъдоди коргарони кироя, ки дар айни замон дар қайди мақомоти андоз мебошанд, назар ба ҳамин давраи соли 2022, дар маҷмӯъ, 1619 нафар афзоиш ёфтаанд. Шумораи умумии коргарони кироя дар субъектҳои хоҷагидории ҳудуди шаҳри Конибодом ҳоло 6 ҳазору 805 нафарро ташкил медиҳанд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз рӯи маълумоти дастрасшуда, дар заминаи татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2023, №151 "Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда" ва татбиқи амалии Фармоиши Кумитаи андоз аз 21 ноябри соли 2022, №594 "Дар бораи азнавбаҳисобгирӣ (инвентаризатсия)-и намудҳои фаъолият аз рӯи патент, шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатнома дар низоми содакардашуда ва ҳамзамон гузариши соҳибкорони мазкур ба шахси ҳуқуқӣ" дар қайди мақомоти андози шаҳри Конибодом ба ҳолати имрӯза теъдоди шахсони ҳуқуқии ба қайди давлатӣ гирифташуда низ, қиёсан ба ҳамин давраи соли гузашта 40 адад бештар гардидаанд. Шумораи андозсупорандагон аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар ҳудуди шаҳр дар айни ҳол ба 607 адад расидаанд.

Бешубҳа, рушди соҳаҳои алоҳида, дарёфт гардидани манбаъ ва сарчашмаҳои нави андозбандӣ ба раванди ҷамъоварии маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ таъсири мусбӣ мерасонанд. Дар панҷ моҳи соли 2023 маблағи ҷамъоваришудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ дар мақомоти андози шаҳри Конибодом 104,0% таъмин карда шуд. Маблағи воридшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ наздики 50 миллион сомонӣ ва маблағи аз нақша зиёд ҷамъоваришуда қариб 2 миллион сомониро ташкил дод.

Албатта, дастовардҳои меҳнатӣ кормандони мақомоти андози шаҳри Конибодомро рӯҳбаланд месозад. Дар ин замина, барои иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ онҳо боз ҳам дучанду самаранок кору фаъолият хоҳанд кард.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# АНДОЗ АЗ ДАРОМАД

## Манбаи андоз кадом аст ва меъёрҳои ин намуди андоз чӣ гунаанд?

**Сардори Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирҷон Назирзода доир ба ин мавзуъ андешаҳои худро иброз намуд.**



Ӯ қайд намуд, ки супорандагони андоз аз даромад шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объектҳои андозбандӣ доранд, ба истиснои шахсоне, ки ҷавобгӯи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд. Дар ҳолатҳое, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, ухдадорӣ оид ба ситонидани андоз аз даромад дар манбаи пардохт аз ҷониби агенти андоз амалӣ карда мешавад.

- Объекти андозбандии андоз аз даромад, - мегӯяд Н.Назирзода, - даромади андозбандишавандаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ, сарфи назар аз маҳал ва усули пардохт, мебошад. - Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-резидент даромадҳое мебошанд, ки аз ҳамаи манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент танҳо даромадҳое дониста мешаванд, ки аз манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

Мисол. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд «А» (резидент) дар соли 2022 аз ҳисоби иҷрои корҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 750500 сомонӣ ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 120500 сомонӣ даромад гирифтааст. Дар ин мисол объекти андозбандии андоз аз даромад барои давраи ҳисоботии соли 2022 ҳамаи манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бадастоварда, яъне 871000 (750500+120500) сомонӣ мебошад. Ҳамзамон, бо дарназардошти муқаррароти боби 42 Дастурамал маблағи андоз аз даромад, ки дар давраи андоз аз ҷониби ҶДММ «А» берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда шудааст, дар сурати пешниҳод гардидани тасдиқномаи чунин пардохтҳо, ҳангоми пардохти андоз, баҳисобгирии онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз анҷом дода мешавад.

Даромади умумии андозсупоранда ба даромадҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- даромаде, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ мегардад;

- даромаде, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда намешавад.

- Манбаи андоз аз даромади андозсупоранда-резидент дар давраи ҳисоботӣ ин фарқи байни даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшавандае мебошад, ки мутобиқи фасли VII Кодекси андоз барои чунин давра иҷозат дода шудааст, - гуфт Назирҷон Назирзода ва вобаста ба ин мисол овард:

ҶДММ «А» (резидент) дар соли 2022 аз таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз манбаъҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда 750500 сомонӣ даромад гирифтааст. Дар ин давра хароҷоти тарҳшавандае, ки мутобиқи Дастурамал барои чунин давра иҷозат дода шудааст, 605000 сомониро ташкил додааст. Дар ин мисол манбаи андозбандии андоз аз даромад барои давраи ҳисоботии соли 2022 фарқи байни даромади умумӣ 750500 сомонӣ ва хароҷоти тарҳшаванда 605000 сомонӣ, яъне 145500 (750500-605000) сомонӣ мебошад.

Номбурда, ҳамчунин ёдрас шуд, ки манбаи андоз аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент, ки дар давраи ҳисоботӣ тавассути муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, фарқи даромади умумӣ аз манбаъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муассисаи доимӣ ва хароҷоти тарҳшавандае мебошад, ки мутобиқи ҳамин фасл барои чунин давраи ҳисоботӣ иҷозат дода шудааст. Масалан, ҶДММ «Г»-ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои филиал буда, дар соли 2022 филиали мазкур аз таҳвили мол ба маблағи 800000 сомонӣ даромад гирифтааст. Дар ин давра филиал ба маблағи 600000 сомонӣ хароҷоти тибқи Кодекси андоз иҷозатдодашуда дорад. Вобаста ба даромади мазкур, филиали ҶДММ «Г» ҳуқуқи тарҳ кардани хароҷотеро дорад, ки мутобиқи Дастурамал барои чунин давраи ҳисоботӣ иҷозат дода шудааст. Бинобар ин, манбаи андоз аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент, ки дар давраи ҳисоботӣ тавассути филиал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро анҷом додааст, 200000 (800000-600000) сомониро ташкил медиҳад.

Даромади умумии аз манбаъҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастовардаи андозсупоранда-ғайрирезидент, ки муқаррароти қисми 2 моддаи 182 Кодекси андоз нисбат ба он татбиқ намегардад, дар манбаи пардохт бе тарҳи хароҷот мутобиқи моддаи 239 Кодекси андоз андозбандӣ карда мешавад.

- Манбаи андоз, - иброз намуд Н.Назирзода, - аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент аз фурӯш ё бегона намудани молу мулк ё ҳуқуқҳои молу мулкие, ки ба муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаи он алоқаманд намебошад, фарқ байни даромади умумӣ аз фурӯш ё бегона намудан ва хароҷоти тарҳшавандае мебошад, ки мутобиқи фасли VII Кодекси андоз барои чунин давраи ҳисоботӣ иҷозат дода шудааст. - Агар андози даромад аз фурӯш ё додани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулкии андозсупоранда-ғайрирезидент пардохт нашуда бошад, шахси ҳуқуқие, ки чунин ғайрирезидент дар он дорои ҳуқуқҳои молумулкӣ буд ё агенти андозе, ки ба андозсупоранда-ғайрирезидент маблағ пардохт менамояд, ухдадор аст андози даромадро бе тарҳ нигоҳ дорад ва пардохт намояд.

Номбурда илова кард, ки даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ бо меъёри 12 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя, ки аз манбаъҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст, бо меъёри 20 фоиз андозбандӣ карда мешавад.

Мисол. Шахси воқеӣ-резидент, ки ҷойи кори асосиаш ҳуқуқшиноси ҶСК "А" мебошад, инчунин, дар муассисаи таълимӣ ба ҳайси муаллим 2500 сомонӣ ва ба ҳайси коршиноси масъалаҳои ҳуқуқӣ аз ташкилоти ҷамъиятии дигар 5000 сомонӣ ва аз ҳисоби ба иҷора додани ҳуҷраи истиқоматии худ 4000 сомонӣ даромад мегирад. Ҳама даромадҳои номбаршудаи дигари шахси воқеӣ-резидент даромад аз ҳисоби ҷойи кории ғайриасосӣ ба ҳисоб рафта, шахси воқеӣ тибқи талаботи банди 16 Дастурамал, ба истиснои андози иҷтимоии суғурташаванда, бо меъёри 15% (2500 - (2500*2%)*15%); (5000 - (5000*2%)*15%) ва аз ҳисоби ба иҷора додани ҳуҷраи истиқоматӣ, ки андози иҷтимоии суғурташаванда ситонида намешавад, андоз аз даромади шахси воқеӣ бе тарҳи андози иҷтимоии суғурташаванда бо меъёри 15% (4000*15%) ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

- Даромади андозбандишавандаи шахсони воқеӣ, ки дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 183 зикр нагардидааст, бе тарҳҳои дар моддаи 191 Кодекси андоз пешбинишуда, ба истиснои андози иҷтимоии суғурташаванда, бо меъёри 15 фоиз андозбандӣ карда мешавад, - гуфт Назирҷон Назирзода. – Аммо даромади андозбандишавандаи шахси ҳуқуқӣ бо меъёрҳои зерин андозбандӣ карда мешавад:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо - 13 фоиз;

- барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ - 20 фоиз;

- барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин, барои ҳама намуди фаъолияти дигар, ба истиснои сархатҳои якум ва дуюми қисми мазкур - 18 фоиз.

Бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти қисми 4 моддаи 183 Кодекси андоз, тибқи эзоҳи банди 17 Дастурамал меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ махсус барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ 18 фоиз муқаррар карда шудааст.

Номбурда хотирнишон сохт, ки тибқи талаботи сархатҳои 5 ва 6 қисми 3 моддаи 297 Кодекси андоз, истихроҷи захираҳои табиӣ маҷмӯи корҳои ба берун баровардани канданиҳои фоиданок буда, коркарди онҳо корҳои марбут ба ҷудо намудани ҷузъҳои фоиданок аз ашёи хоми маъданӣ мебошад.

Мутобиқи талаботи зикршуда ҳама гуна субъектҳои хоҷагидоре, ки дорои иҷозатнома доир ба ҳуқуқи истифодаи қаъри замин буда, ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ машғуланд, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли семент, хишти пухта, истихроҷи омехтаи регу шағал ва ҷудо намудани он ба навъҳо ва дигар корҳо дар соҳаи қаъри замин ухдадоранд, ки аз даромади худ вобаста ба ин намуди фаъолият маблағи андозро бо меъёри 18 фоиз ҳисоб ва пардохт намоянд.

**Бибиноз МУРОДАЛИЕВА**

## В ЕГИПТЕ ВВЕЛИ ВЫЕЗДНОЙ СБОР ДЛЯ ВСЕХ ТУРИСТОВ

**В соответствии с информацией, египетские органы власти ввели новый туристический сбор для иностранных посетителей. Согласно сообщению, опубликованному Ассоциацией туроператоров России (АТОР), данный сбор, известный как выездная пошлина, составит 100 египетских фунтов (приблизительно 262 рубля) для всех лиц, покидающих страну.**

Эта мера будет применяться только к путешественникам, вылетающим из страны через международный аэропорт Каира. В то же время туристам, отдыхающим в курортных городах, таких как Хургада и Шарм-эш-Шейх, не будет необходимости оплачивать пошлину. Иностранные граждане, которые вылетают внутренними рейсами из Каира в другие города Египта, должны будут уплатить сбор, но с 50% скидкой, в размере 50 египетских фунтов.

Ведомство отмечает, что выездной сбор уже включен в стоимость авиабилета. Кроме того, египетские и иностранные водители грузовиков и автобусов, пересекающих границу, будут освобождены от уплаты этого сбора. Представители АТОР пояснили, что это будет одним из новых источников доходов для государственного бюджета.

Многие страны применяют подобные туристические сборы в различных формах. Например, в Италии с туристов взимается налог на въезд в Рим и Венецию. В последнем случае власти устанавливают сбор в размере от 3 до 10 евро за однодневное посещение города. Такие меры принимаются муниципалитетами в целях ограничения потока туристов, который возобновился после пандемии.

**Манбаъ: http://taxpravo.ru**

**Истифодаи дастгоҳи назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, танзиму назорати дохилӣ, беҳтар кардани ҳамкорӣ бо мақомоти андоз ва аз байн бурдани нофаҳмиву нобовариҳо мусоидат мекунад**

# ДАСТГОҲИ НАЗОРАТӢ-ХАЗИНАВӢ – ВОСИТАИ АЗ БАЙН БУРДАНИ МУШКИЛОТИ АНДОЗСУПОРАНДА



Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Сангин Саидзода изҳор намуд, ки истифодаи дастгоҳи назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, танзиму назорати дохилӣ хуб мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, ба ҳар як андозсупоранда ҳадаф, нафъ ва тарзи истифодаи дастгоҳи номбурда фаҳмонида мешавад.

Андозсупоранда Қубратулло Нодиров мегӯяд, ки тартиби истифодаи ДНХ хеле оддӣ ва қулай аст. Корманди мақомоти андоз як маротиба зимни дастрас намудани дастгоҳи мазкур тартиби истифодаи онро фаҳмонид акнун мо бе душворӣ чунин дастгоҳро ҳамарӯза истифода мекунем.

Муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Панҷ Баҳриддин Касиров изҳор намуд, ки кормандони мақомоти андоз талош мекунанд, ки нақшаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи матлаб таъмин намоянд. Ба ин хотир, давоми соли ҷорӣ беш аз 10 маротиба семинар – машварат ва воҳӯриҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд, ки яке аз мавзуъҳои асосӣ дастрас намудани дастгоҳи назоратӣ - хазинавӣ ва риояи талаботи истифодаи он мебошад.

Ёдовар бояд шуд, ки тибқи моддаи 85 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳама гуна муомилоти пулӣ ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ ва шаклҳои дигари пардохти электронӣ бо истифодаи ҳатмии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ риояи талаботи бақайдгирии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ дар мақомоти андози маҳалли фаъолияти андозсупоранда то оғози фаъолият, додани чеки назоратӣ-хазинавӣ барои ҳар як амалиёт, пайвастшавӣ бо барномаҳои электронии муҳосибӣ муҳим мебошад. Инчунин, чеки назоратӣ-хазинавӣ бояд дорои маълумоти номи шахси ҳуқуқӣ ё насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами силсилавии дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ, рақами бақайдгирии дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ, рақами тартибии чеки назоратӣ-хазинавӣ, сана ва вақти додани чеки назоратӣ-хазинавӣ, номгӯйи мол (кор, хизматрасонӣ), воҳиди ченак, миқдор, нарх, маблағ вобаста ба ҳар мол (кор, хизматрасонӣ), маблағи андоз аз арзиши иловашуда бо дарназардошти меъёри фарққкунанда ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ, тахфифҳо ва маблағи умумии харид, рамзхати чеки назоратӣ - хазинавӣ, аломати фискалии дастгоҳи назоратӣ - хазинавӣ бошад.

Баҳриддин Касиров афзуд, ки назорати риояи тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ - хазинавӣ аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи самтҳои истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, маълумоти дар блок ва ё хотираи фискалии дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ мавҷудбуда, бақайдгирии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ анҷом дода мешавад. Вобаста ба хариди назоратӣ гуфта шуд, ки аз ҷониби мақомоти андоз бе маҳдудияти даврияти он танҳо барои назорати истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ ва ба харидорон додани чекҳои назоратӣ - хазинавӣ дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ гузаронида мешавад. Тартиби гузаронидани хариди назоратиро мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

Андозсупоранда Аҳлиддин Ҳалимов дар робита ба истифодаи талаботи дастгоҳи назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ гуфт, ки дар рӯзҳои аввали дастрас намудани дастгоҳи номбурда фурӯшандагони маркази савдо ба он эътибори ҷиддӣ намедоданд ва на ба ҳама чипта пешниҳод менамуданд. Пас аз чанде, зимни як санҷишу таҳлили кормандони мақомоти андоз беэътиноии мо нисбат ба талаботи қонун ва пешниҳоди чипта ошкор гардид. Барои риоя накардани талаботи қонун мавриди ҷарима қарор гирифтем. Аз ин лиҳоз, ба ҳар як андозсупоранда тавсия медиҳем, ки дар масъалаи истифодаи дастгоҳи мазкур масъулияти ҷиддӣ дарк намоянд.

Бо тасдиқи гуфтаҳои мазкур, Б. Касиров илова кард, ки нафарони қонуншикан оид ба истифодаи дастгоҳи назоратӣ - хазинавӣ бахусус, бо моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷаримабандӣ карда мешаванд. Яъне барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи дастгоҳҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва риоя накардани тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, терминалҳои электронӣ ва баҳисобгирии хазина нисбати андозсупоранда парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

Тибқи иттилои манбаъ, ба ҳолати 1-уми июни соли равон дар фаъолияти андозсупорандагон 9 то хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Маблағи хариди назоратии гузаронидашуда нисбати 9 андозсупоранда беш аз 29 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ба ҳолати имрӯз зиёда аз 14 ҳазор сомонии маблағи хариди назоратӣ пардохт карда шудааст ва беш аз 15 ҳазор сомонӣ бақияи қарз аз ҳисоби хариди назоратӣ боқӣ мондааст. Барои пардохт гардидани маблағи қарзи хариди назоратӣ кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагони мазкур корбарӣ намуда истодаанд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# ИҶРОИ НАЗАРРАСИ НИШОНДИҲАНДАҲО

**Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи меҳнати пурмаҳсул ва самараноки кормандони мақомоти андози шаҳри Исфара ҳаҷми воридоти маблағи андозҳо ба буҷети давлатӣ ҳар моҳ афзоиш ёфта истодааст.**

Чи тавре ки сардори Нозироти андози шаҳри Исфара Шуҳрат Мирзоев тасдиқ менамояд, дар панҷ моҳи соли равон ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 82 миллиону 67 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ворид карда шудаанд, ки 3 миллиону 829 ҳазор сомониаш аз нақша бештар мебошад. Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми воридоти маблағи андозҳо дар панҷ моҳи соли ҷорӣ назар ба ҳамин давраи соли гузаштаи 2022 ба 7 миллиону 244 ҳазор сомонӣ расидааст.

- Манбаъҳои муҳими воридоти маблағи андозҳоро ба буҷет, асосан, дувоздаҳ сарчашмаи гуногун ташкил медиҳанд,- мегӯянд мутахассисони дар шаҳри Исфара мувофиқи мақсад ба назар мерасад. Ҳоло дар ҳудуди шаҳр 12 ҳазору 378 адад хоҷагии деҳқонӣ ва 20 адад кооперативҳои тиҷоратӣ фаъолият доранд. Аз ҳисоби фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ ба буҷет 2 миллиону 462 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ворид карда шудаанд.

Вақте ба маълумот оид ба иҷро карда шудани нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андози шаҳри Исфара дар панҷ моҳи сипаришудаи соли 2023 назар меафканем, мебинем, ки рақамҳо вобаста ба сифатнок таъмин намудани нишондиҳандаҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Масалан, дар панҷ моҳи соли равон аз ҷумла ни-



мақомоти андоз. - Саҳми соҳаи саноати шаҳр дар буҷети давлатӣ 23 фоиз ва фаъолияти соҳибкорӣ 14 фоизро дар бар гирифта, назар ба дигар соҳаи хоҷагии халқи ҳудуди ноҳия назаррас мебошанд. Масалан, дар панҷ моҳи соли равон аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, яъне, дар маҷмӯъ, шахсони ҳуқуқӣ 19 миллион сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет ворид карда шудааст. Умуман, дар ҳудуди шаҳру ноҳияи Исфара имрӯз 783 адад шахси ҳуқуқӣ, аз он ҷумла 43 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд. Ин корхонаи саноатӣ ба истеҳсолу фурӯши ангишт, нафту газ, масолеҳи сохтмонӣ, кимиёвӣ, семент ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд.

Воқеан, солҳои охир рушди соҳаи кишоварзӣ шондиҳандаи ҷамъоварии андози фоида - 181,0%, андоз аз молу мулки ғайриманқул – 132,0%, андоз аз воситаҳои нақлиёт – 118,0%, андози даромад аз шахсони воқеӣ - 101,0 % иҷро карда шудаанд. Ба туфайли таъмини сифатноки нишондиҳандаҳо аз нақшаи пешбинишуда маблағҳои барзиёдатии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ зам гардидаанд.

Раванди хуби фаъолиятро идома дода, кормандони мақомоти андози шаҳри Исфара ният доранд соли 2023 - ро дар самти ҷамъоварии маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ хуб ҷамъбаст намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# ЭЪЛОНИ МУЗОЯДА

## Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №25-ро эълон менамояд

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки тахти ҳабс қароргирифтаи Кооперативҳои тиҷоратии «Шукуров Мардонқул» (РМА 650000684), «Холдорқипчоқ» (РМА 650000075), «Ба номи Умар Сулаймонов» (РМА 650000361), «Қаерма» (РМА 650000382), «Ба номи А. Рӯдакӣ» (РМА 650000361) ва «Ҷарқутан» РМА (650000393) - и ноҳияи Шаҳристон (дар маҷмуъ 79 номгӯи молу мулк) бо нархи ибтидоии 2680900 (ду миллиону шашсаду ҳаштод ҳазору нуҳсад) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоӣ молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда санаи 29 июни соли 2023, соати 11:00 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мешавад.

Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**Телефон барои тамос: 2-33-09-30.**

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Шукуров Мардонқул» РМА 650000684**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифодабарӣ | Масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Молхона | 1 | 1966 | 990 | 100000 сомонӣ |
| 2 | Изолятор | 1 | 1974 | 300 | 80000 сомонӣ |
| 3 | Сехи хӯрокӣ | 1 | 1975 | 400 | 75000 сомонӣ |
| 4 | Бошишгоҳи саҳрой | 1 | 1975 | 400 | 12000 сомонӣ |
| 5 | Анбори қисмҳои эҳтиётӣ | 1 | 1965 | 400 | 50000 сомонӣ |
| 6 | Анбори масолеҳи сохтмонӣ | 1 | 1963 | 300 | 20000 сомонӣ |
| 7 | Анбори оҳанпора | 1 | 1966 | 200 | 30000 сомонӣ |
| 8 | Ҳаммом | 1 | 1964 | 200 | 25000 сомонӣ |
| 9 | Осиёби обӣ | 1 | 1993 | 200 | 60000 сомонӣ |
| 10 | Болопӯши трактор | 1 | 1970 | 400 | 65000 сомонӣ |
| 11 | Болопӯши серкуляторка | 1 | 1966 | 250 | 45000 сомонӣ |
| 12 | Каналокапател | 1 | 1989 | - | 1200 сомонӣ |
| 13 | Сихмолаи зигзак | 1 | 1986 | - | 500 сомонӣ |
| 14 | Сихмолаи зигзак | 1 | 1990 | - | 500 сомонӣ |
| 15 | Ғаллатозакунак 2,50 вс | 1 | 1989 | - | 5000 сомонӣ |
| 16 | Дасгоҳи пармакунии харротӣ | 1 | 1972 | - | 7000 сомонӣ |
| 17 | Зарф (систерна) 25т | 1 | 1968 | - | 10000 сомонӣ |
| 18 | Зарф (систерна) 25т | 1 | 1968 | - | 10000 сомонӣ |
| 19 | Зарф (систерна) 10т | 1 | 1986 | - | 7000 сомонӣ |
| 20 | Зарф (систерна) 10 т | 1 | 1986 | - | 7000 сомонӣ |
| 21 | Зарф (систерна) 5т | 1 | 1968 | - | 4000 сомонӣ |
| 22 | Зарф (систерна) 5 т | 1 | 1968 | - | 4000 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **22** | | | **618200 сомонӣ** |

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Холдорқипчоқ» РМА 650000075**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифодабарӣ | Масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Автомашинаи ГАЗ-53 | 1 | 1991 | - | 15000 сомонӣ |
| 2 | Ядак (ПТС-4) | 1 | 1985 | - | 2500 сомонӣ |
| 3 | Дастгоҳи харротӣ | 1 | 1980 | - | 7500 сомонӣ |
| 4 | Дастгоҳи пармакунӣ | 1 | 1985 | - | 7500 сомонӣ |
| 5 | Кашаркуни барқӣ | 1 | 1987 | - | 5000 сомонӣ |
| 6 | Бошишгоҳи хоҷагӣ | 1 | 1984 | 176 | 350000 сомонӣ |
| 7 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 8 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 8 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 10 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 11 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 12 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 13 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 14 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 15 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 16 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 17 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 18 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 20 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 21 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 22 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 23 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 24 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 25 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 26 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 27 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 28 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 29 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 30 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| 31 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1973 | 90 | 38000 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **31** | | | **1299500 сомонӣ** |

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Ба номи Умар Сулаймонов» РМА 650000361**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифодадиҳӣ | Масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Анбори ғалла | 1 | 1985 | 420 | 150000 сомонӣ |
| 2 | Болопӯши тракторҳо | 1 | 1976 | 560 | 70000 сомонӣ |
| 3 | Иншооти обёрӣ | 1 | 1998 | - | 30000 сомонӣ |
| 4 | Ядак 2 ПТС 4 | 2 | 1985 | - | 2500 сомонӣ |
| 5 | Дости алафдаравӣ КС-2 | 2 | 1986 | - | 2000 сомонӣ |
| 6 | Зарф (систерна) 25 т | 2 | 1990 | - | 15000 сомонӣ |
| 7 | Зарф (систерна) 25 т | 1 | 1991 | - | 15000 сомонӣ |
| 8 | Зарф (систерна) 10 т | 1 | 1990 | - | 7000 сомонӣ |
| 9 | Зарф (систерна) 10 т | 1 | 1990 | - | 7000 сомонӣ |
| 10 | Трактор Т 28х4 | 1 | 1983 | - | 4500 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **13** | | | **303000 сомонӣ** |

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Қаерма» РМА 650000382**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифода диҳӣ | Масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Каналокапател | 1 | 1991 | - | 1500 сомонӣ |
| 2 | Кузови автомошинаи УРАЛ | 1 | 1991 | - | 3500 сомонӣ |
| 3 | Трансформатор | 1 | 1983 | - | 12000 сомонӣ |
| 4 | Бинои нигоҳдории хошок | 1 | 1979 | 320 | 80000 сомонӣ |
| 5 | Ҳавзи партов | 1 | 1979 | 975 | 75000 сомонӣ |
| 6 | Ҳавзи партов | 1 | 1979 | 975 | 75000 сомонӣ |
| 7 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1984 | 150 | 30000 сомонӣ |
| 8 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1984 | 150 | 30000 сомонӣ |
| 9 | Хонаи истиқоматӣ | 1 | 1984 | 150 | 30000 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **9** | | | **337000 сомонӣ** |

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Ба номи А. Рӯдакӣ» РМА 650000146**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифодадиҳӣ | Масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Зарф (систерна) 4,5 т (корношоям) | 1 | 1990 | - | 2500 сомонӣ |
| 2 | Зарф (систерна) 2,5 т (корношоям) | 1 | 1990 | - | 2500 сомонӣ |
| 3 | Зарф (систерна) 10 т (корношоям) | 1 | 1990 | - | 3500 сомонӣ |
| 4 | Зарф (систерна) 5 т (корношоям) | 1 | 1990 | - | 2700 сомонӣ |
| 5 | Бинои нотамом | 1 | 1991 | 151,1 | 12000 сомонӣ |
| 6 | Бинои чойхона (корношоям) | 1 | 1982 | 216,5 | 40000 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **6** | | | **63200 сомонӣ** |

**Молу мулки тахти ҳабс қарордоштаи Кооперативи тиҷоратии «Ҷарқӯтан» РМА 650000393**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор | Соли ба истифодадиҳӣ | масоҳати зери сохтмон $м^2$ | Арзиши молу мулк дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Трактори тасмачархи Т-170М «Булдозер» | 1 | 1992 | - | 60000 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | **1** | | | **60000 сомонӣ** |

# ЭЪЛОНИ МУЗОЯДА

## Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №24-ро эълон менамояд

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки таҳти ҳабс қароргирифтаи ҶСК «Лаъл» (РМА 510004310)- и шаҳри Хуҷанд бо нархи ибтидоии 28 249 885 (бисту ҳашт миллиону дусаду чилу нӯҳ ҳазору ҳаштсаду ҳаштоду панҷ) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда санаи 26 июни соли 2023, соати 15:00 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мегардад.

Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**

### Номгӯйи молу мулки таҳти ҳабс қарордошта:

| № | Номгӯи таҷҳизот | Шумора | Соли бароpиш | Арзиши ибтидой дар асоси хулосаи КДФ “Суғднархгузор” (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Сехи асосӣ<br>Аз ҷумла: | | | 19923536 |
| 1.1 | Хумдони шишапазӣ | 1 | 2001 | 1236075 |
| 1.2 | Хумдони шишапазӣ | 1 | 1989 | 391989 |
| 1.3 | Каналҳои шишадиҳанда | 3 | 2001 | 202227 |
| 1.4 | Мошинаҳои шишабар (ПВМ) | 2 | 1975 | 188319 |
| 1.5 | Мошинаҳои шашабарории БДФ | 1 | 2008 | 3410529 |
| 1.6 | Печкаи маҳсулоти тайёр | 3 | 1975 | 1621284 |
| 1.7 | Хатти назоратӣ | 1 | 2008 | 16305 |
| 1.8 | Насоси вакуумӣ | 2 | 1988 | 52529 |
| 1.9 | Шамолдиҳандаи фишори миёна | 4 | 1988 | 96776 |
| 1.10 | Шамолдиҳандаи фишори баланд | 2 | 2008 | 120550 |
| 1.11 | Крани борбардор | 2 | 1988 | 10219 |
| 1.12 | Борбардор (Симподёмник) | 1 | 2008 | 10224 |
| 1.13 | Лентаи транспортерӣ | 1 | 2008 | 71852 |
| 1.14 | Гранулятор | 1 | 2008 | 158150 |
| 1.15 | Трансформатор (1000квт) | 2 | 1988 | 483990 |
| 1.16 | Шити қувваи барқ | 15 | 1988 | 100625 |
| 1.17 | Бинои сехи асосӣ | 1 | 1988 | 10509795 |
| 2 | Бинои маъмурӣ | 2 | 1988 | 1242078 |
| 3 | Сехи истеҳсоли гудоза, аз ҷумла: | | - | 6926201 |
| 3.1 | Питатель мех+конвер.лент. | 1 | 1988 | 152287 |
| 3.2 | Питатель мех.+эл.мент 2 шт + конв.лент 2 шт + шт бурат | | 1988 | 77791 |
| 3.3 | Конвер лент+элев.лент+сито-бурат | 2 | 1988 | 41239 |
| 3.4 | Конвер лент+весы авт.дозир | 1 | 1988 | 957905 |
| 3.5 | Буннер выгрузки с вагона+конвер.винтов 2 шт элеватор | | 1988 | 264211 |
| 3.6 | Бинои сехи истеҳсоли гудоза | 1 | 1988 | 5432768 |
| 4 | Трубаи хиштии дудбаро | 1 | 1988 | 1400148 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | **28 249 885** |

# ЭЪЛОНИ МУЗОЯДА

## Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №26-ро эълон менамояд

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки таҳти ҳабс қароргирифтаи ҶДММ «Глобал тур» (РМА 020021087) бо нархи ибтидоии 1164500 (як миллиону яксаду шасту чор ҳазору панҷсад) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда санаи 29 июни соли 2023, соати 15:00 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мегардад.

Музояда бо усули голландӣ сурат мегирад.

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**

### Номгӯйи молу мулки таҳти ҳабс қарордошта:

| № | Номгӯи молу мулк | Масоҳати умуми | Суроғаи ҷойгиршавӣ | Арзиши ибтидой дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва хизматрасонӣ | 2000 м² | ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Чузй, деҳаи Наврӯз | 1164500 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | | | **1164500 сомонӣ** |

**17 адад дастгоҳи назоратӣ–хазинавӣ (ДНХ) мутааллиқ ба ҶДММ “Муҳаммад А” (РЯМ 0410005072) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданашон, беэътибор дониста шаванд.**

| № | Макони фаъолият | Санаи бақайдгирӣ | Рақами ДНХ |
|---|---|---|---|
| 1 | кӯчаи Айнӣ 79-267/122 | Аз 18.08.2017 | 0000037308 |
| 2 | кӯчаи Борбад 165 | Аз 15.04.2014 | 000000284 |
| 3 | н.Шоҳмансур, кӯчаи С.Айнӣ 64 | Аз 25.07.2019 | 001000639 |
| 4 | н.Сино, кӯчаи Н.Ганҷавӣ 61/2 | Аз04.02.2019 | 2201002361 |
| 5 | н.Шоҳмансур, кӯчаи Мастонгулов 20 | Аз 26.02.2019 | 2201002792 |
| 6 | н.Сино, кӯчаи С.Шерозӣ 19/1 | Аз 26.02.2019 | 2201008552 |
| 7 | н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 110 | Аз 10.01.2014 | 0000000153 |
| 8 | н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 110 | Аз 17.03.2014 | 0000000181 |
| 9 | н. Сино, ҷ/д Чоряккорон, деҳаи Зафар | Аз 02.11.2021 | 0002011757 |
| 10 | н.Фирдасӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 110 | Аз 04.05.2020 | 2201005381 |
| 11 | н.И.Сомонӣ, кӯчаи Д.Халҳҷо 47 | Аз 27.11.2019 | 0002004442 |
| 12 | н.Ёвон, кӯчаи А.Ҷомӣ, х.146, ҳ.22/146 | Аз 22.09.2020 | 2201008240 |
| 13 | н.Сино, кӯчаи Раҳимӣ 11 | Аз 18.10.2019 | 002003532 |
| 14 | н. Сино, кӯчаи Қазоқон | Аз 01.04.2020 | 2201007100 |
| 15 | н. Сино, кӯчаи А.Навой 112/1 | Аз 05.04.2021 | 0001019547 |
| 16 | н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 9 | Аз 31.07.2018 | 0001018944 |
| 17 | н. Шоҳмансур, кӯчаи С.Айнӣ 18 | Аз 19.09.2019 | 0002015512 |

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ “МС ШИРИН” (РЯМ 0410021325) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ “Кафолати Комил” (РЯМ 0110023953) воқеъ дар шаҳри Левакант, барҳам мехӯрад.

■ ҶСК «Оли Сомон» (РЯМ 6210003131), воқеъ дар шаҳри Истаравшан барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Восток 4» (РЯМ 5510001851), воқеъ дар шаҳри Исфара, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ОМК-АДС» (РЯМ 6210002535), воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ “ҲАЁТҶОНЁ” (РЯМ 1610004908) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.


Мужской корень – раҳой аз простатити шадид ва аденома!

-Ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата мусоидат мекунад

-Ба пурра холӣ шудани пешобдон кӯмак расонида, аз зуд-зуд пешобкунӣ наҷот медиҳад

-Фаъолияти ҷинсии мардонр барқарор месозад

Тарзи истеъмол: Рӯзе 2 бор ба таги забон 15-20 чакра.

Давомнокии табобат: 1 моҳ

Шакли барориш: шишача 50 мл.

Аз доруxонаҳо пурсон шавед.




Телефон барои тамос: +992 000400071


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Амирова Лайло (РЯМ 0331402610) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хуршед Музаффарзода (РЯМ 1230169206) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Ризоева Майрамби (РЯМ 0430305508) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдукаримов Абдунаби (РЯМ 0331344934) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раманшоев Фурқат (РЯМ 0331239783) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Калонова Зумратмо (РЯМ 0331377411) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста, шавад.

■ ДНХ “ОКА ПФ” таҳти рақами 00030910 мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Ҷамолиддин Муҳсиддинов (РЯМ 1230038810) аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сатинов Шуҳратҷон (РЯМ 0530106024) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ ДНХ “ОКА ПФ” таҳти рақами 00032847 мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Комил Солиҳов (РЯМ 1230027068) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба х/д “Дараи Дуздон” (РЯМ 2330009349) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба х/д “Султоншо” (РЯМ 2330004115) аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қосимов Анварҷон (РЯМ 5530153595) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҷамолиддинов Бахтовар (РЯМ 6230178497) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба «Муассисаи давлатии нигоҳдории иншоотҳои сохташавандаи шаҳраки Баҳористони шаҳри Истаравшан» (РЯМ 6210008796) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба КТ «Устонаим» (РЯМ 5810004265) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бобоев Шуҳрат (РЯМ 0530225145) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Табаров Мирзоали (РЯМ 0530165323) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобоқулов Furthermore

## ТАНҲО НИСФИ КОРХОНАҲОИ ТИҶОРАТӢ ЗИЁДА АЗ ПАНҶ СОЛ ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАНД



Тақрибан 50 дарсади корхонаҳои нав дар давоми панҷ соли кушодашавӣ баста мешаванд. 30 дарсади онҳо баъди ду сол корро бас мекунанд. Соҳибкорони шабакаҳои интернетӣ истилоҳи «водии марг»-ро истифода мекунанд, маънои моҳхо ва солҳои аввали лоиҳаро дорад. Агар корхонаи тиҷоратӣ «Водии марг»-ро паси сар карда, баста нашавад, имконияти муваффақияти ҷиддии он меафзоянд.

## ДАР ЯК РӮЗ МЕТАВОН ДАР ЗЕЛАНДИЯИ НАВ ТИҶОРАТ ОҒОЗ КАРД



Дар ин самт қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки дар 1 рӯз ба тиҷорат оғоз намуд. Қонунҳои Сингапур ба шумо имкон медиҳанд, ки дар 3 рӯз тиҷорат оғоз кунед. Арабистони Саудӣ ба соҳибкорон дар 5 рӯз сабти номро кафолат медиҳад. Бақайдгирии тиҷорат дар Чин ва Ҳиндустон беш аз панҷ моҳ идома меёбад.

## ДАР ИМА 28 МИЛЛИОН КОРХОНАИ ХУРД МАВҶУД АСТ




Ин назар ба шумораи корпоратсияҳои калон 1162 баробар зиёд аст. 70 дарсади тиҷорати хурди ИМА аз як нафар иборат аст. Дар корхонаҳои хурд зиёда аз нисфи тамоми коргарони ИМА кор мекунанд, гарчанде ки вақтҳои охир шумораи ташкилотҳои наве, ки дар давоми сол ташкил карда шудаанд, назар ба шумораи ташкилотҳои басташуда камтар шудааст.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Сезар дар тули зиндагӣ танҳо ягона дӯст ва нафари боэътимод дошт, ки ин табиби ӯ буд. Ҳангоми бемор шуданаш танҳо аз дасти ӯ дору истеъмол мекард.

Рӯзе Сезар худро бад ҳис намуд ва дар ин ҳолат ба дасташ мактуби номаълум бо чунин навиштаҷот расид: «Аз дӯсти наздик, табибат битарс, чун қасд ба ҷони туро дорад».

Пас аз муддате табиб барои овардани дору омад. Ҳукмфармо мактубро ба дасти дӯсташ дод, то бихонад ва худ ба истеъмоли гиёҳҳои овардаи табиб машғул шуд. Табиб бо тааҷҷуб: «Шоҳам, чаро шумо баъд аз хондани ин нома доруи овардаи маро истеъмол кардед?

Сезар дар ҷавоб гуфт: «Мурдан беҳтар аз он аст, ки ба дӯст шак намоӣ!».

## МАНФИАТИ ТАРБУЗ БАРОИ СОЛИМИИ ПӮСТ



Дар тобистон, ҳамаи мо аз таъми аҷиб ва накҳати тарбуз ва меваҳои мавсимӣ баҳравар мешавем. Албатта, дар бораи манфиатҳои ин маҳсулот барои бадани мо бисёр гуфта шудааст, аммо фаромӯш накунед, ки ба ғайр аз хӯрдани меваю буттамева ҳамчун ғизо, мо метавонем онҳоро дар косметология низ истифода барем. Тарбуз баданро ба таври комил пок мекунад, кори рӯдаҳоро беҳтар мекунад ва барои аз даст додани вазн мусоидат мекунад. Дарвоқеъ, дар ин мева хеле кам калория мавҷуд аст. Ба ҳама маълум аст, ки бо мурури гузашти сину сол пӯст лоғар ва хушк шуда, доғҳо пайдо мешаванд. Барои рафъи ин ҳолат афшураи аз тарбуз ҳосилшударо бо матои пахтагин ба рӯй, гардан 10-15 дақиқа молед, сипас бо оби гарм бишӯед. Шарбати тарбуз пӯстро ба таври комил нарм намуда, чандирии онро зиёд мекунад. Витамини А барои пӯсти инсон хеле фоиданок аст ва ҳамагӣ 100 грамм тарбуз тақрибан чоряки миқдори тавсияшудаи ҳаррӯзаро дар бар мегирад. Витамини А инчунин ба нигоҳ доштани намии пӯст ва мӯй кӯмак мекунад ва ба афзоиши солимии ҳуҷайраҳои коллаген ва эластин мусоидат мекунад.

## Оё медонед?

Дастгоҳи аввалини синаморо (киноро) бародарони фаронсавӣ Луи ва Огюст Люмерҳо соли 1895 ихтироъ намудаанд.



x x x

Агар 10-доллараи Австралияро ду пора намоем, ҳар яки онро қонунан метавон чун 5-доллара истифода бурд.

x x x

Дар биёбони Саҳрои кабир (Африка) танҳо як дафъа – 18 феврали соли 1979 барф борид.

x x x

Дар сурати набудани пиёз бехи лоларо метавон ба ҷойи он барои тайёр намудани таомҳои гуногун истифода кард.

x x x

Дар Рими Қадим одамон на баҳри шустушӯйи бадан, балки гӯш кардани баромади файласуфон ба ҳаммом мерафтанд.

x x x

Капитан Кук аввалин шахсест, ки ба ҷуз Антарктида ҳамаи қитъаҳои Заминро тай кардааст.

x x x

Акулаҳо пеш аз таваллуд низ хатарнок буда метавонанд. Инро олим Стюарт Спрингер дар вақти тадқиқоташ исбот намудааст. Ҳангоми азназаргузаронии даруни акулаи бордор ӯро ҷанин газидааст.

x x x

Колибр ягона парандаест, ки ба самти қафо парвоз карда метавонад.



x x x

Уқоб барои дуруст нигоҳ доштани хосиятҳои мувозинат ва аэродинамикӣ, вақте ки пар аз як болаш меафтад, ҳамон паррo аз боли дигар низ аз даст медиҳад.

x x x

Шумораи лӯхтакони «Барбӣ», ки дар Италия ба қайд гирифта шудаанд, назар ба аҳолии Канада бештар мебошанд.



x x x

Дастгоҳи бофандагиро Чеймс Харгвирси англис сохтааст.

x x x

Дурбинро соли 1854 олими итолиёвӣ Игнасио Порро ихтироъ намудааст.

x x x

Дар Кения хароҷот барои ришва аз се як ҳиссаи буҷети хонаводаҳоро ташкил медиҳад.

**Бочу ХИРОЧ**

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
**Фарзона ШАРИФӢ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:**

**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҲОТАМЗОДА Ҳ.** - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Бочу хироч»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Бочу хироч».

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Рӯзнома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-55-31 (мухбирон), 233-08-40 (қабулгоҳ), 44-600-41-76 (бахши обуна)

**Навбатдор:** Инобат САДИРОВА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

***Суроға:*** *ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар н.Фирдавсӣ*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 111031**